**Ў З Б Е К И С Т О Н   Р Е С П У Б Л И К А С И**
**ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**ТЕРМИЗ ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**
**ФИЛОЛОГИЯ   ФАКУЛТЕТИ**

# *ТОЖИК МУМТОЗ АДАБИЁТИ ТАРИХИ*

МАЪРЎЗА МАТНИ

Доц.С.Ҳалимов қўлланмаси АСОСИДА ТАЁРЛАНГАН

ТУЗУВЧИ: ДОЦ.Р.АБДУЛЛАЕВ

ТИРМИЗ  -  2012

ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛИ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ
РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

# ТАЪРИХИ
# АДАБИЁТИ МУМТОЗИ ТОҶИК

***(Давраи қадим)***

# МАДАНИЯТ ВА МАСКАНҲОИ ҚАДИМАИ ТОҶИКОН

Тоҷикон яке аз халқҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ мебошанд, ки таърих ва маданияти бое доранд. Маданияти тоҷикон дар қатори маданияти халқҳои дигари ин сарзамин дар давраҳои хеле қадим, дар шароите пайдо шуда буд, ки мардум дар ҳолати сохти хонаводагӣ – авлодӣ ва қабилавӣ дар доманаи кӯҳҳо ва дарёҳо зиндагонӣ мекарданд. Ин маданият роҳи дуру дарози зиддиятноки таърихиро тай карда, борҳо бо маданияти халқҳо ва миллатҳои гуногун бархӯрда, баъзан аз онҳо ғизо гирифта ва баъзан ба онҳо таъсири самараноке расонида то ба дараҷаи маданияти ҳозира расидааст.

Дар бораи маданияту адабиёти қадимаи халқҳои Осиёи Марказӣ дар як қатор ёдгориҳои хаттӣ, асарҳои муаррихони юнон, хитой, ҳинд, арман, араб, форсу тоҷик ва ғайра маълумотҳо боқӣ мондаанд. Олимони мо дар соҳаи омӯхтан ва истифода кардани маълумотҳои ин манбаъҳо ба муваффақиятҳои калон соҳиб гардиданд. Дар айни ҳол, онҳо дар натиҷаи ҳафриёт – кофтуковҳои археологӣ доир ба урфу одат, адабиёт ва санъати гузаштаи халқҳои мо маълумоти зиёдеро дастрас намуданд. Махсусан, ҳафриётҳои дар Хоразм, Талибарзу ва Афросиёби Самарқанд, Панҷакенти қадим ва ҷойҳои дигари Осиёи Марказӣ гузаронида натиҷаҳои хуб доданд. Ин тафтиш ва ҳафриётҳо собит менамоянд, ки халқҳои Осиёи Марказӣ аз замонҳои хеле қадим дар ин сарзамин ҳаёт ба сар бурдаанд.

Аз рӯи маълумотҳои таърихӣ муайян мешавад, ки дар вақтҳои қадим, дар мобайнҳои ҳазорсолаи пеш аз мелод дар ҳудуди Бохтария, Хоразм, Суғдиёна, Марғиёна, Парфия, Паркана, воҳаҳои Амударё ва Сирдарё қавму қабилаҳои бохтариҳо, массагетон, суғдиён, парфиёниҳо, сакҳо, шакҳо ва дигарон зиндагӣ кардаанд, ки онҳо аҷдодони халқҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравнд. Ин қавму қабилаҳо тарзи ҳаёти ба ҳам монанд доштанд, маданият, ёдгориҳои моддию маданӣ ва адабии онҳо низ ба ҳам шабоҳат дошт.

Ёдгориҳои мадании гузаштагони халқи тоҷик бештар бо ҳудуди Бохтария ва Суғдиёна пайвастагӣ дорад.

Бохтария аз давлатҳои қадимаест, ки дар ҳавзаи миёноби Амударё воқеъ буда, ҳудуди ҳозираи Тоҷикистон, ҷануби-шарқии Ӯзбекистон ва хоки Афғонистонро дар бар мегирифт. Шаҳри Бохтар (Балх), ки дар воҳаи дарёи Балхоб воқеъ буд, вилояти маркизии Бохтария ҳисоб мешуд. Бохтария дар Осиёи Марказӣ қадимтарин маркази тамаддун ва яке аз аввалин сохти давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Дар асри У1 то мелод Бохтария яке аз рақибони ҷиддии давлати ҳахоманишиён ҳисоб меёфт. Бинобар ҳамин ҳам Куруши Кабир баъди ҷидду ҷаҳди зиёде Бохтарияро ба ҳайати давлати ҳахоманишиён дохил кард. Баъдҳо, пас аз инқирози давлати ҳахоманишиҳо Бохтария аз тарафи Искандари Македонӣ забт карда мешавад. Сипас, бо сардории тахориён давлати мустақиле ба вуҷуд омада ва он аз ибтидои солшумории мо Тахористон ном мегирад. Дар асрҳои I-II дар Тахористон давлати пурзӯри кушониён барпо шуда, то асри IV иқтидори худро нигоҳ медорад. Аз ҳамин вақт Бохтария ҳамчун давлат – Кушоншаҳр ва ҳамчун мамлакат – Тахористон номида мешавад.

Бохтария дар гузашта мамлакати хеле бое буда, заминаш ҳосилхез ва мардумонаш машғули зироат ва чорводорӣ будаанд. Аз рӯи маълумоти бисёр муаллифон (Табарӣ, Масъудӣ, Фирдавсӣ, Берунӣ) Бохтария ватани зардуштия дониста мешавад. Аҳолии Бохтар ба Митра ва Анаҳита эътиқод доштанд. Баъди омадани юнониён дар Бохтария парастиши худоёни онҳо расм мегардад. Баъдтар оини буддоӣ паҳн гашта, Балх ва Тахористон ба марказҳои калонтарини оини буддоӣ табдил меёбанд.

Дигаре аз марказҳои тамаддуни тоҷикон Суғдиёна мебошад. Суғди қадим водии Зарафшон ва Қашқадарёро дар бар мегирифт. Ин мамлакат ҳам яке аз мамлакатҳои бойтарини Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мерафт. Зиёда аз се ҳазор сол аст, ки дар ин ҷо деҳқони карда ва тамаддун ба вуҷуд оварда мешавад. Суғдиён на танҳо дар таърихи Осиёи Марказӣ, балки дар ҳаёти тамоми Осиё роли муҳимме бозидаанд. Онҳо аз давраҳои қадим бо чорводорӣ, боғдорӣ машғул буданд, кирмакпарварӣ мекарданд, абрешими аълосифат истеҳсол менамуданд. Сонитар суғдиён дар савдои абрешим бо мамлакатҳои дигар – аз

Хитой то мамлакатҳои Баҳри Миёназамин алоқаи тичоратӣ барқарор карданд. Саноати ҳунармандии суғдиён низ тараққи карда буд. Онҳо ҳар гуна асбобҳои рӯзгор, косаю косачаҳо, қадаҳҳои гуногун, хумҳои калону хурд месохтанд. Дар Самарқанд бештар коса ва кӯзаҳои сирнок тайёр карда мешуд. Кулолҳо бо тайёр кардани ҳайкалҳои сафолини одам ва ҳайвонот низ машғул шудаанд. Суғдиёни дар шаҳр истиқомат дошта дар қатори асбобҳои сафолин зарфҳои шишагиро ҳам ба кор мебурдаанд.

Суғдиён дар соҳаи бофандагӣ, бинокорӣ ва ғайра низ моҳир буданд. Аз байни онҳо чӯбтарошон ва харротони бомаҳорат баромада, чӯбҳои биноҳоро зебу зинат медоданд, вассаю болор ва асбобҳои чӯбини рӯзгорро кандакорӣ мекарданд.

Суғдиён дорои забон, хат ва алифбои махсуси худ буданд. Забони суғдиён, пеш аз истилои араб яке аз маъруфтарин забонҳо буда, на танҳо дар худи Суғд, балки дар Бухоро, водии Фарғона ва Чоч (Тошкент) низ маъмул буд.  Аз рӯи маълумоти забоншиносҳо муҳимтарин ва калонтарин лаҳчаи он лаҳчаи Самарқанд буд, ки асоси забони хаттии суғдӣ гардида, дар мурури чандин аср забони асосии адабиёт, илм ва тиҷорати Осиёи Марказӣ гардидааст. Аз аввалҳои асри VIII сар карда бо тазъиқи забони араб забони суғдӣ аҳамияти худро тадриҷан гум мекунад. Вале дар баъзе ноҳияҳои саргаҳи Зарафшон забони суғдӣ муддатҳои дуру дарозе боқи мемонад.

Хати суғдӣ дар асоси алифбои орамеи тартиб ёфта ва аз рост ба чап навишта мешуд. Бино ба маълумоти забоншиносон, хати суғдӣ дар асрҳои III-II пеш аз мелод пайдо шудааст. Намунаҳои аввалини хати суғдӣ дар аввалҳои асри XX аз Дунхуан ном маҳалли Туркистони Шарқӣ ба даст даромад, ки он аз мактубҳои шахси иборат буда, оид ба муносибатҳои оилави баҳс мекард.

Дар соли 1932 дар қалъаи Муғ, ки дар саргаҳи Зарафшон воқеъ аст, хатҳои зиёди суғдӣ дастрас шуданд, ки онҳо аз архиви Деваштич ном ҳокими Панчакент иборат буда, дар рӯи коғаз, матоъ, чӯб ва пӯст навишта шуда буданд..

Ба туфайли ҳафриётҳои археологӣ, ки дар солҳои охир дар Панчакент, Варахша, Афросиёб ва ҷойҳои дигар бурда шуданд, дар рӯи тангаҳо, деворҳо, сафолпораҳо низ бисёр катибаҳои суғди ёфт шуданд. Масалан, соли 1965 аз Афросиёби Самарқанд хонае кушода шуд, ки дар яке аз деворҳои он 16 сатр хати суғди навишта шудааст. Дар ин хат дар хусуси муносибатҳои ҳокими Самарқанд ва Чағониён (Тирмиз) сухан меравад.

Аз рӯи порчаҳои дастрас гардидаи осори суғдӣ, ки дорои ифода ва ибораҳои образноканд, тахмин кардан мумкин аст, ки суғдиён осори бои адаби низ ба вуҷуд овардаанд.

Дар қатори суғдиён мардуми Бохтар низ аз қадим забон ва хати худро доро буда, то истилои араб вай забони асосии мардуми Тахористон буд. .

Хати мардуми Тахористон аз хати суғдӣ фарқ мекард ва дар асоси ҳуруфоти юнонӣ тартиб ёфта буд, ки он дар аҳди подшоҳони Юнону Бохтар дар асрҳои III-II то мелод дар ин ҷойҳо паҳн шуда буд. Хати бохтари монанди хати суғдӣ на аз рост ба чап, балки аз чап ба рост навишта мешуд.

Қавму қабилаҳои суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва ғайра, ки дар ҳудуди Осиёи Марказии қадима зиндагӣ мекарданд, бо ҳамдигар алоқаи наздик дошта, дар якчоягӣ бо ҳам маданияти боеро ба вуҷуд оварда буданд. Дар байни онҳо санъати меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, мусиқӣ ва ғайра низ хеле тараққӣ карда буд. Муҷассамаи се зани навозандаи дар рӯи санг канда шуда, ки дар соли 1932 дар наздикии Тирмиз ба даст даромада, сурати дар девори ибодатхонаҳо кашида шуда, ҳайкалҳои сангин, чӯбин, сафолини аз ҷойҳои гуногун ёфтшуда далели санъати қадимаи онҳо мебошанд.

Сохтани биноҳои як ё якчанд ошёнаи равоқу гумбаздор, ки намунаҳои он бештар аз ҳудуди Суғдиёна ҳафр шудаанд, санъати баланди меъмории суғдиёнро намоиш медиҳад. Ин биноҳоро нақшу нигор ва сурату ҳайкалҳо оро медоданд. Дар нақшҳои рӯи девори биноҳо манзараи гардишҳои ботантана, навҳасароӣ, қурбонидиҳӣ, базмҳои боҳашамат ва ҳоказо дида мешаванд. Аз инҳо аён мегардад, ки наққошӣ ва ҳайкалсозӣ аз санъатҳои хеле тараққиёфтаи

мардуми суғду бохтар будаанд. Асарҳои устодони ҳайкалтароши суғдиён берун аз Осиёи Марказӣ ҳам шӯҳрати калон дошт.

Бозёфтҳои археологии Афросиёби Самарқанд яке аз намунаҳои барчастаи ин навъ санъатҳои давраи пешина шуда метавонанд. Маънои луғавии «Афросиёб»-ро Олимон ба тарзи гуногун шарҳ додаанд. Бисёре аз онҳо ақида доранд, ки «Афросиёб» - «афрози сиёҳ об», яъне болои Сиёб гуфтан аст. Дар ин чо зиёда аз 2700 сол пеш шаҳри қадимае барпо ёфта буд. Дар натичаи гузаштани солҳо, махсусан баъди истилои муғул Афросиёб ба ҳолати вайрона меояд. Як вақтҳо  Афросиёб бо деворҳои ғафси мудофиа иҳота меёфт. Ин деворҳо дар асрҳои VI-V пеш аз мелод бунёд шуда, баландии онҳо то 8 м., бараш то 7 м. мерасид. Афросиёб чор дарвозаи машҳур дошт. Дар шимол дарвозаи Бухоро, дар шарқ дарвозаи Хитой, дар чануб дарвозаи Кеш ва дар ғарб дарвозаи Навбаҳор воқеъ буданд. Дар дохили он, дар  баланди арк чойгир шуда, атрофи он бо деворҳои дигари мудофиавӣ иҳота меёфт. Дар Афросиёб ибодатгоҳҳои боҳашам, биноҳои гуногуни истиқомати, қасрҳои мунаққаш бунёд ёфта буд. Археологҳо муваффақ шуданд, ки бинои қасри ҳукмрони Самарқанд Вархуманро пайдо кунанд. Ҳоло муайян шудааст, ки ин бино зиёда аз 30 залро доро будааст. Девори ин хонаҳо бо суратҳои хеле ачоиб ороиш ёфта будаанд. Яке аз залҳои он, ки вусъаташ 11 ба 11 м. аст саросар пур аз нақшу нигор мебошад.

Осори номбурдаи санъат далолат медиҳад, ки дар Осиёи Марказӣ равияи мустақилу пурмазмуни санъати тасвирӣ ташаккул ва ривочу равнақ ёфтааст. Ин ҳама маъхазҳои хаттӣ ва бозёфтҳои археологӣ собит менамоянд, ки суғдиён санъат ва маданияти бой ва ба худ хос доштаанд. Чунин санъат ва маданиятро бохтариҳо низ доро буданд.

## САВОЛҲО

1. Дар давраҳои қадим дар ҳудуди Осиёи Марказӣ кадом қавму кабилаҳо зиндаги кардаанд номбар кунед.

2. Масканҳои зисту зиндагии точиконро дар давраҳои қадим номбар кунед.

3. Забон ва хатҳои қадимаи мардуми тоҷикро ном баред.

4. Дар байни тоҷикон дар давраҳои қадим кадом навъи санъатҳо бештар ривоҷ ёфта буданд, номбар кунед.

## ЭҶОДИЁТИ ШИФОҲИ

Мардуми тоҷик дар қатори халқҳои дигар аз замони ба ҳаёти бошуурона гузаштани худ тасаввуроти худро дар бораи муҳит, зиндаги, ҳаёт, табиат ва ғайра ба воситаи ифодаҳои образнок ва дар шакли эҷодиёти даҳони ифода карда меояд. Ба ҳамин восита вай тачрибаи зиндаги, анъана ва донишҳои худро ба насли оянда пешкаш мекунад. Чанде аз намунаҳои эҷодиёти даҳонии халқ ба воситаи баъзе манбаъ ва асарҳои таърихи то ба мо расида омадаанд.

Ин манбаъ ва асарҳои хаттӣи боқимонда баъзе аз намунаҳои эҷодиёти даҳонии халқро дар бар мегиранду халос. Қисми асосии асарҳои даҳонии қадим то ба мо нарасидаанд. Бино ба маълумотҳои дастрас ба хулосае омадан мумкин аст, ки намунаҳои аввалини эҷодиёти даҳонии халқ аз пандҳои кӯтоҳ, чистон, суруд, устура, ривоят, афсона ва достонҳо иборат буда, дар онҳо тасаввуроти мардумони қадим доир ба ҳодисаҳои табиат, ҳаёт ва ғайра ифода ёфтаанд. Асотир (устура) дар бораи одами аввалин дар рӯи замин, муборизаи рӯшнои ва торики, афсона ва достонҳо доир ба қаҳрамонҳои гуногун аз ҳамин ҷумлаанд.

***<u>Сурудҳо</u>***. Сурудҳо яке аз намунаҳои қадимтарини адабиёти даҳони буда, дар онҳо ҷиҳатҳои муҳимтарини зиндагонии гузаштагони мо инъикос ёфтаанд. Сурудҳои қадимаи халқҳои Осиёи Марказӣ аз сурудҳо дар бораи меҳнат, қаҳрамони, мавсимҳои сол, маросимҳои чашн, худоҳои мифологи ва маъбудаҳои он иборат буданд. Намунаҳои зиёди ингуна сурудҳо дар «Авасто» оварда шудаанд, ки онҳо барои донистани тарзи зиндаги, тасаввурот, орзую ҳавас ва ҷиҳатҳои дигари гузаштагони мо ёри мерасонанд. Агар дар сурудҳои қаҳрамони далери ва шучоатмандии паҳлавонони корзор васф карда шаванд,

дар сурудҳои маросими одатҳои гуногуни вобаста бо маросимҳо тасвир ёфтаанд.

Яке аз намунаҳои сурудҳои қадима «Ҳаома Яшт» ном дошта, дар он «ҳаома» ном нӯшокие, ки аз растани тайёр карда мешуд, васф карда мешавад. Ин нӯшоки, аз рӯи эътиқоди гузаштагони мо, гӯё қувваи сеҳрангезе дошта, ба кас мардонаги, далери ва шучоат ато мекардааст.

Дар қисми «Ясно»-и «Авасто» дар ҳаққи «ҳаома» гуфта мешавад:

Аз ту зӯр мехоҳем,
Зӯру фирӯзманди мехоҳем,
Сиҳатию дармон мехоҳем,
Фаровонию баракот мехоҳем!

* * *

Аз ту хостгорам, ки дар миёни мардум
Соҳиби ормонҳои худ бошам.
Душманони худро мағлуб кунам
Ва бадҳо ва даррандагонро нобуд кунам.
Хоҳиши дуюми ман аз ту ин аст, эй ҳаома,
Ки маргро аз ман дур дори,
Ва бадани маро солим нигаҳ дори,
Ки дар рӯи замин чолокона ва далерона роҳ равам,
Душмани худро мағлуб созам,
Ва бадҳо ва даррандагонро нобуд кунам.

Одамони қадим дар ҳаққи худои оли Аҳурамаздо ва маъбудаҳои дигар низ бисёр сурудҳо офаридаанд. Масалан, дар қисми «Яшт»-и «Авасто» дар ҳаққи Аҳурамаздо чунин оварда мешавад:

Мазмунан:

Эй Аҳуро, хушу хушбахти ато кун!
Галаву рамаҳо ато кун
Ки хушбахтиҳо оваранд.
Сипоҳиёни қаҳрамон ато кун,

Ончунон, ки бисёр зӯр ва тавоно,

Мағлубнашаванда ва шикастнопазир бошанд.

Ба ҳар кас, ки ҷанг кунанд, ғолиб бароянд...

Ва посбони мардум шаванд.

Қисми «Яшт»-и «Авасто» саросар аз суруди ниёгон иборат буда, дар онҳо меҳру муҳаббати беинтиҳои инсон нисбат ба қувваҳои беҳамтои ҳимоятгару ҳомии неки ва накӯкори таҷассум ёфтаанд. Масалан, дар «карда»-и (боби 26) «Яшти Меҳр» Меҳр (Офтоб) чунин ситоиш карда мешавад:

Паҳнаҳои паҳнодору

Суханвару ростгуфтор,

ҳазоргӯш, беворчашму

ҳамагон бехобу бедор,

пурбину баландболо,

ба фиреб (ҳ) ич ногирифтор.

Меҳрро мо ҳаме парастем –

К – ӯро офарида Маздо

чу посбону паҳрадоре

ба нумуви зиндагони.

К- ӯ посбону паҳрадор аст

ба нумуви зиндагони.

Баҳри ҷумла доми Маздост

посбони бехобу бедор.

Дар ин порча Меҳр чун офаридаи Аҳурамаздо, суханвари ростгӯ, ҳимоятгари бехобу бедори олами неки, ҳунарманду ҳомии мардумон васф карда шавад, дар порчаи зер вай чун таъминкунандаи оромию осоиштаги, ороишдиҳандаи замину замон, мададгор ва халоскори инсон тасвир меёбад:

Меҳрро мо ҳаме парастем,

ки хубу осуда меҳан

бидиҳад ба деҳи ор(и)ён.

Баҳри ёри-мон меомад!

Ба раҳои-мон меомад!

Баҳри паҳ-рамон меомад!

Баҳри омурзиш меомад!

Ба шифои мо меомад!

Ба пирузи-мон меомад!

Ба хушбахти-мон меомад!

Бошад, ки моро зи дод ӯ –

Меҳри паҳноҳои паҳно –

Пирӯзразму бас тавонгар,

ба дунъёи бандагони,

параста, ниёиш аздар,

ба фиреб (ҳ)ич ногирифтор

компонтарин бисозад!

Чунон ки аён мегардад, дар сурудҳои қадима ҷиҳатҳои муҳимми ҳаёт ва зиндагони, тасаввурот ва орзую умедҳои мардумони қадим ифодаи худро ёфтаанд ва аз ин рӯ онҳо натанҳо ҳамчун осори эҷоди бадеи, балки чун ёдгориҳои таърихи низ аҳамиятноканд.

**САВОЛҲО**

1. Дар сурудҳои кадима киҳо ва кадом ашёҳои табиат инъикоси худро ёфтаанд?
2. Дар суруди «Ҳаома яшт» чи таъриф карда шудааст?
3. Дар «Суруди Меҳр» кадом сифатҳои Офтоб баён шудааст?

**Супориш**

1. Суруди «Ҳаома яшт»-ро аз ёд кунед.
2. «Суруди Меҳр»-ро бо диққат мутолиа карда, хислатҳои барои одамон фоидаовари онро муайян кунед.

## ***Асотир. (Мифология).***

***Асотир. (Мифология).*** Асотир шакли ҷамъи «устура» аст ва маънои гуфтор, қисса, ривоятро дорад. Асотир офаридаҳои эҷодиёти тахайюлии

мардуми ҷамъияти ибтидоӣ буда, дар шакли шифоҳӣ офарида шудаанд. Баъди пайдоиши хату алифбо ба адабиёти хаттӣ, осори таърихӣ, динӣ ва адабӣ дохил шуда, баъзе намунаҳояш то ба мо расида омадааст. Дар Юнони қадим асотир хеле тараққӣ карда, онҳо ба шакли маҷмӯа тартиб дода шуда буданд. Асотир ба адабиёту санъати Юнон таъсири калон дорад.

Мавзӯъ ва навъҳои асосии асотир, ки аз тарафи халқҳои гуногун дар замонҳои қадим офарида шудаанд, асосан ба масъалаи пайдоиши олам ва ашёҳои он, пайдоиши одам, ҳайвонот, ҳодисаҳои табиат ва ғайра вобаста мебошанд. Асотир дар давраҳои аввал тасаввуроти ҳайратангези мардумро бе рабту парешон ифода кунад, дертар образҳои асотирии мутаносиб, муназзам ва мараттаб ба вуҷуд омаданд.

Пайдоиши асотири мардуми оринажод, аз ҷумла тоҷикон ба асрҳои 7-6 то мелод рост меояд. Дар ҳамон давра мардум бинобар надонистани сабабҳои ба вуҷуд омадани ин ва ё он ҳодисаи табиат онро дар хаёли худ бофта ва ба шакли ривоят даровардаанд. Аз рӯи асотир, дар табиат қувваҳои ба инсон дӯст ва душман вуҷуд дошт. Ӯ ин қувваҳоро дар шакли худо, руҳ, дев тасаввур мекард. Дар заминаи тасаввуроти хаёлотии одамони қадим асотири гуногун, аз ҷумла асотири космогони (коинотӣ), асотири оид ба ҳайвонот ва паррандагон, худо ва маъбудаҳои он ва ғайра ба вуҷуд омадаанд. Гарчанде ин асотир дар натиҷаи дараҷаи пасти тараққиёти ҷамъияти ибтидоӣ ва заифии дониши инсоният пайдо шуда бошанд ҳам, онҳо одамонро барои дӯст доштани ҳаёт даъват мекарданд, қувва ва иродаи инсониро васф менамуданд, одамонро ба некӣ ва накӯкорӣ ҳидоят мекарданд.

Барои асотири халқҳои гуногун, масалан, халқҳои юнони қадим, ҳинд, аз ҷумла халқҳои Осиёи Марказӣ, муборизаи ду қувваи ба ҳам муқобил – қувваи некӣ ва бадӣ, равшанӣ ва торикӣ характернок аст. Одамон некӣ, бахту саодат, нури офтоб, гармиро ба бадӣ, бадбахтӣ, торикӣ, хунукӣ муқобил гузошта, дар бораи олами бахту саодат ва олами бадию бадбахтӣ асотир офаридаанд.

Аз рӯи мифология (асотир) гӯё дар табиат ду олами абадӣ мавҷуд аст, ки дар яке аз онҳо қувваҳои бузурги фоидаовар – офтоб ва об ва дар дигаре

қувваҳои офатоваранда – торикӣ ва кулфат ҳукмронӣ менамоянд. Дар байни ин ду олам муборизаи шадид меравад. Дар «Авасто» навишта мешавад, ки ба олами неки Аҳурамаздо (Ҳурмуз) ва ба олами бади Ангроманю (Аҳриман) ҳомигӣ мекунад. Дар давоми се ҳазор сол гӯё ин ду олам аз ҳамдигар бехабар будаанд. Аҳриман баъд аз донистани мавҷудияти олами некӣ ба муқобили вай мубориза сар кардааст. Ҳурмуз ин муборизаро пешгирӣ карда, дар давоми сеҳазорсолаи дуюм осмон, замин, об, растанӣ, ҳайвонот ва одами аввалинро ба вуҷуд овардааст. Дар давоми сеҳазорсолаи сеюм дар байни ин ду олам мубориза сар шудааст. Аҳриман одами аввалинеро, ки худои неки Ҳурмуз ба вуҷуд оварда буд нест карда бошад ҳам, тухми инсониятро барҳам дода натавонистааст. Дар давоми сеҳазорсолаи чорӯм қувваҳои некӣ аз болои қувваҳои бадӣ ғалаба кардаанд. Дар аксари образҳои асотири ҳамин муборизаи қувваҳои некӣ ва бадӣ инъикоси худро ёфтааст, ки онҳоро дар устураҳои гуногун мушоҳида кардан мумкин аст.

***<u>Асотири Митра ва Анахита.</u>*** Аз рӯи асотир Митра (Меҳр) номи худои офтоб, аҳду паймон, меҳру муҳаббат, дӯстӣ, рӯшноӣ ва ғалаба буд, ки одамони қадим (ҳазораи 3-2 то мелод) мепарастиданд. Вай дар шакли одами масаллаҳи нуқрагине тасаввур карда мешуд, ки аз сару руяш нур меборид. Митра ба одамон нур, гарми, бахту саодат бахшида, онҳоро аз қувваҳои бадӣ ҳимоя ва дастгирӣ мекард. Дар баробари ин Митра бо аслиҳаи ҷанги ҳам мусаллаҳ буд. Вай аз қароргоҳи худ, ки гӯё кӯҳи афсонавии Ҳара буд, кишварҳои Ориёнро (Марв, Суғд, Хоразм ва ғайра) назора карда, ба некон дасти ёри дароз мекард, бадон ва бадхоҳонро тиру найзаборон менамуд, дар аробаи худ нишаста осмонро сайр менамуд, ба муборизоне, ки рӯшноиро аз ҳуҷуми худои зулмат муҳофиза мекарданд, ёри мерасонид. Митра қаҳрамоне буд, ки дар оташ намесӯхт, дар об ғарқ намешуд. Митра сифатҳои зиёде дошт, ки онҳоро аз «Яшти меҳр»-и «Авасто» ба хуби пай бурдан мумкин аст.

Аз рӯи сифатҳояш Митра ба худои бобулии Шамс (Офтоб) ва Аполлони юнониҳо шабоҳат дорад.

Ардвисура Анаҳита (авестои – Ардвисураи пок) олиҳаи обу замин, ободонӣ ва фаровонӣ аст.

Дар «Авасто» вай чун зани ҷавони хушандом, қадбаланд, зебочеҳра, озодаю накӯсиришт тасвир шудааст. Дар миён камарбанди танге, дар сар тоҷи заррини ҳаштгӯшаи бо гавҳар ороста, дар гардан тавқи (гарданбанд) заррин дорад. Вай аробае дорад, ки чаҳор аспи зӯру тавоно онро мекашанд. Ин аспҳо ташхиси бод, абр, борон ва жолаанд. Нишемангоҳи Анаҳита қасри ҳазорсултонест, ки дар баландтарин қуллаи кӯҳ, дар ҷое, ки хуршед тулӯъ мекунад, воқеъ аст. Рӯди бузурге, ки сарчашмаи тамоми обу баҳрҳои дунё мебошад, дар ихтиёри вай аст. Ин рӯд аз баландтарин қуллаи кӯҳ ибтидо гирифта, ҳазорҳо шохоб дорад, ки саросари ҳафт кишвари дунёро (дар тасаввури мардуми қадим дунё аз ҳафт кишвар иборат буд) сероб мекунад ва аз файзашон заминҳои киштукор шодоб ва фаровонҳосил мешаванд. Ҳамин тариқ, асотир Анаҳитаро ҳамчун муҷассамае тасвир мекунад, ки заминро бо об таъмин менамояд, ба ҳаёт ва инсон зебоӣ ва нафосот мебахшад, ба қаҳрамонҳое, ки зидди бадӣ меҷанганд, қувва ва муваффақиятҳои зиёде ато мекунад. Деҳқонони қадим бориш ва серҳосилиро мӯъҷизаи Анаҳита мепиндоштанд.

Ситоиши Анаҳита дар байни гузаштагони мо аз давраҳои қадим (тақрибан ҳазораҳои 3-2 то мелод) оғоз ёфта ва он то давраи ҳуҷуми хилофати араб роиҷ будааст. Образи вай дар осори меъморию муҷассамасози таҷассум ёфтааст. Ҳангоми ҳафриётҳо ҳайкалҳои гуногуни Анаҳита дастрас шудаанд, ки дар сурати зани дар даст себ ё анор дошта тасвир ёфтааст. Дар «Яшт»-и панҷуми «Авасто» таърифи сифатҳои Анаҳита оварда мешавад.

Дар адабиёти форсу тоҷик номи Анаҳита ба шакли Ноҳид дучор меояд ва сайёраи Зӯҳраро бо ин ном ёд мекунанд. Ноҳид ба маънои духтари зебо, олиҳаи зебоӣ, суруду рақс, хушию хурсандӣ омада ва шоиру нависандагон онро сутудаанд.

Аз ин тасвирҳо маълум мешавад, ки асотир Митра ва Анаҳитаро на ҳамчун қувваҳои абстракти аз ҳаёт берун, балки ҳамчун симоҳои конкрети дар

байни одамон мавҷуд буда пешниҳод кардааст. Зотан, дар тасаввуроти одамони қадим, эзидон на ҳамчун чизи мавҳум, балки ба сифати фигураи реали бо ягон аслиҳаи меҳнати мусаллаҳшуда муҷассам гаштааст.

***Асотири Каюмарс ва Ҷамшед.*** Аз рӯи асотир Каюмарс (Говмард) одами аввалин дар рӯи олам мебошад, ки онро Ҳурмуз ба вуҷуд овардааст. Номи авестоии вай Гайа-маритан аст, дар паҳлавӣ Гайумарт ва дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Каюмарс буда, ба маънои «ҷони нестипазир», «ҷони миранда», «ҷони даргузар» омадааст. Ӯ нахустин шахсе буд, ки, - меояд дар «Авасто», - андешид ва омӯзишҳои (таълимоти) Аҳура Маздоро фаҳмид. Бинобар ин аз ӯ ба сифати «нахустандеш» ёд мешавад. Дар тасаввури мардумони қадим Каюмарс аз ду вуҷуд – вуҷуди одам ва гов иборат буда, ин ду вуҷуд ҳамчун як тан ба хуби зиндагӣ мекардаанд. Аммо душмани ашаддии инсоният Аҳриман Каюмарсро мекушад. Аз қисми говии ҷасади Каюмарс ҳар хел дон, гиёҳ, барзагов ва модагов ба вуҷуд меоянд. Аз ин говон бошад, ҳайвоноти гуногуни фоидаовар мерӯянд. Аз қисми одамии ҷасади Каюмарс марду зан ва металҳо ба майдон меоянд. Дар манбаъҳои то ба мо расида низ пайдоиши ҷуфти инсон ба Каюмарс вобаста карда мешавад, вале ҳар кадоми ин манбаъҳо тарзи пайдоиши онро дар шаклҳои гуногун эзоҳ медиҳанд. Масалан, дар ёдгории хаттии «Бундоҳиш» нақл карда мешавад, ки Каюмарс пеш аз ҳалок гардиданаш тухм мондааст. Пас аз чанд сол дар таҳти таъсири шуои офтоб аз вай як ҷуфт чукрии ба ҳам пайваст рӯидааст. Баъд ҳар яки он ба шакли одам даромадааст.

Дар заминаи асотир доир ба Каюмарс афсонаҳои зиёде пайдо шудаанд. Ин афсонаҳо дар асарҳои муаллифони арабизабон Табарӣ, Масъудӣ, Саолибӣ, Берунӣ ва инчунин «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ оварда мешаванд.

Аз рӯи баёни Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» гӯё худо аз корҳои кардаи Аҳриман ба танг омада, арақрез мешавад. Ду қатра арақи аз пешонии ӯ чакида Каюмарсро ба вуҷуд меорад. Худо Каюмарсро ба назди Аҳриман мефиристад. Каюмарс ба болои китфҳои Аҳриман баромада ӯро ба роҳи худ медарорад ва тамоми оламро давр мезанад. Вале Аҳриман бо ҳилае ӯро аз китфонаш

гирифта партофта, аз тарафи сари вай ба хӯрдан сар мекунад. Дар ҳамин муддат аз ҷасади Каюмарс ду дона тухм ба замин меафтад. Аз онҳо ду растани мерӯяд ва баъд як писар ва як духтар ба майдон меоянд. Форсҳо онҳоро Одам ва Момоҳаво номидаанд. Онҳоро инчунин Малҳи ва Малҳиёна, Машйа ва Машйона ҳам меноманд. Хоразмиён Мард ва Мардона гуфтаанд. Берунӣ таърихи Каюмарсро шарҳ дода таъкид мекунад, ки агар сулолаи шоҳони форс аз Каюмарс оғоз ёбад, вай то Искандар 3354 солро дар бар мегирад.

Маълумотҳои доир ба Каюмарс овардаи Берунӣ то дараҷае ба «Авасто» наздик бошад, дар «Таърихи Табарӣ» баёни таърихи Каюмарс хеле васеъ ва батафсил буда, вай ранги афсонаи халқиро гирифтааст. Маълум мешавад, ки образи Каюмарс маҳсули эҷодиёти даҳонии халқ буда, вай хеле васеъ паҳн шуда ва ба адабиёти хаттӣ роҳ ёфта, вариантҳои гуногунро пайдо кардааст.

Образи Каюмарс дар санъати тасвирӣ ҳам ифода ёфтааст. Дар соли 1932 дар аснои кофтуковҳои археологӣ дар мавзеи Талибарзуи Самарқанд зарфи калони сафоли ёфт шуд, ки дар рӯи он сурате тасвир ёфта буд, ки нисфи поёни бадани он дар шакли гов ва нимаи болояш дар шакли инсон кашида шудааст. Олимон муайян кардаанд, ки ин тасвир ба давраҳои хеле қадим мансуб аст.

Йима – Ҷамшед ҳам ба монанди Каюмарс аз образҳои асотири ҳисоб меёбад. Ҷамшед аз рӯи асотир шахси қаҳрамон ва наҷоткори инсоният аст. Чунон ки дар «Авасто» тасвир меёбад, вай ҳукмрони одил буда, дар давраи ӯ хунукии сахт ҳам, гармии зиёд ҳам намешавад, одамон бемор ҳам намешаванд ва намемиранд ҳам. Ҷамшед рӯи заминро се маротиба васеъ кардааст. Вай ҳамчун ҳомии қувваҳои некӣ одамонро аз ҳар гуна офатҳои табии ва ҳуҷуми қувваҳои бадӣ эмин нигоҳ доштааст. Масалан, ҳангоме ки Аҳриман ҳамаи ҷонварони рӯи заминро нест кардани мешавад, Ҷамшед қалъаи махсусе сохта дар он ҷо ҳайвонҳои гуногунро аз ҳалокат нигоҳ медорад. Аз ин сабаб ҳам образи Ҷамшед ҳамчун рамзи хушбахтӣ ва наҷоткори инсоният шӯҳрат ёфтааст.

Дар «Авасто» Ҷамшед чунин васф карда мешавад:

Имаҳе хшатр (аҳ) е аурваҳе

Ноид аотем аонҳа ноид гаремем.

Ноид заурва аонҳа ноид меретйуш

Ноид араско даево дато.

Мазмунаш: Дар давраи ҳукмронии Йимаи бузург на шамоли сард, на гармии зиёд ва на офат буд. Дар он дам на мурдан буду на пир шудан ва на рашку ҳасад, ки зодаи девон аст.

Аммо Ҷамшед аз муваффақиятҳои худ саргаранг шуда, гуноҳе зоҳир мекунад. Дар «Авасто» гуфта мешавад, ки «ӯ (Йима) барои ба мо инсоният маъқул шудан порчае гӯшти гов хӯрд». Вай барои ин кораш, ки аз рӯи ақидаи гузаштагон нораво буд, ҷазо мебинад.

Гуфторҳо доир ба Ҷамшед ҳам аз забон ба забон гузашта, вариантҳои зиёде пайдо карда ва ба манбаъҳои хаттӣ роҳ ёфтаанд. Фирдавсӣ, Табарӣ, Берунӣ, Алишер Навоӣ ва дигарон дар бораи Ҷамшед маълумотҳо овардаанд.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-аш таъкид мекунад, ки ҳукмронии Ҷамшед 700 сол давом кард. Дар ин давра вай бисёр корҳои некро анчом дод, мамлакатро обод, халкро осоишта гардонид:

Чаҳон буд ба ором, аз ӯ шодком,

Зи яздон бад-ӯ нав ба нав буд паём.

Чу чанде баромад бар ин рӯзгор,

Надиданд ҷуз хуби аз шаҳриёр.

Вале Ҷамшед аз ин муваффақиятҳояш саргаранг шуда ба атрофиёнаш чунин мегӯяд:

Ҳунар дар ҷаҳон аз ман омад падид,

Чу ман номвар тахти шоҳи надид.

Ҷаҳонро ба хуби ман оростам,

Чунон гашт гетӣ, ки ман хостам.

Бино ба тасвири Фирдавсӣ Ҷамшед худро «ҷаҳонофарин» яъне худо эълон мекунад ва атрофиёнаш ба ин ҳол изҳори норозигӣ намуда, ӯро тарк мекунанд. Аз ин даъво ва мағрурии Ҷамшед қувваҳои бадӣ ва ҳомии он Аҳриман истифода карда, Заҳҳокро ба тахти подшоҳӣ менишонанд. Аён мешавад, ки

Фирдавсӣ ба образи Ҷамшед руҳи замонави дода, шоҳони давраашро аз оқибатҳои бади манманию мағрурӣ огоҳонидани мешавад.

Алишер Навои ҳам дар «Таърихи мулуки Ачам» ном асари худ дар хусуси Ҷамшед маълумот дода таъкид мекунад, ки дар давраи ӯ ободӣ ва озодӣ ҳукмрони мекард, шаҳрҳо бунёд гардида ихтироъҳои нав ба нав ба амал меомаданд. Вале дертар вай ба манмани дода шуд, ки дар ин хусус Навоӣ навиштааст: Такаббури давлати бузург ба димоғи ӯ хаёлҳои бад пайдо намуда ва ӯ оламро ба ибодати худ амр карда бо сурати худ бутҳо созонида ба мамлакатҳои гуногун фиристода ба мардум парастиши худро фармон дод. Ин ҳол ба заволи Ҷамшед ва ба тахт нишастани мучассамаи бадӣ ва бадбахтӣ Заҳҳок сабаб шуд.

Аён мегардад, ки Фирдавсӣ ва Навоӣ аз образи Ҷамшед барои ифодаи андешаҳои фалсафӣ ва дидактикии худ истифода намудаанд. Онҳо ҳукуматдорони замони худро аз оқибатҳои бадӣ бехудӣ ва мағрурӣ огоҳ намуда, ба онҳо панд медиҳанд, ки агар ҳукуматдор аз ҳадди худ берун рафта одамонро ба худ саҷда кунонидан хоҳад, мисли Ҷамшед ӯро ҷазои беамон мунтазир аст.

***Ривоят ва достонҳо.***Дар адабиёти шифоҳие, ки аз тарафи бошандагони Осиёи Марказӣ офарида шудааст, эпосҳои қаҳрамонӣ ҳам ҷои асосиро ишғол менамояд. Гӯянда ва мутрибони халқӣ дар васфи пешвоён, далерии қаҳрамонони майдони ҷанг, ки барои муҳофизати сарзамини худ ҷонбозӣ мекарданд, достонҳо офаридаанд. Бисёр достонҳои қаҳрамонӣ дар асоси воқеаҳои конкрети таърихӣ, дар заминаи муборизаҳои ба муқобили душманон бурдаи мардумони Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадаанд.

Дар адабиёти шифоҳӣ образҳои монументалии ватанпарварон ва қаҳрамонҳои халқи ба майдон омадааст, ки Рустам, Сиёвуш, Тумариса, Шерак, Заррина аз қабили онҳо мебошанд.

Образи Сиёвуш дар Осиёи Марказӣ, махсусан дар байни аҳолии Хоразм ва Бухоро шӯҳрати калоне дошт. Ин образ манбаи худро аз «Авасто» мегирад. Дар «Авасто» вай дар шакли Сиёваршан қайд шуда, ҳамчун қаҳрамони

мифологӣ – ҳомии мардуми соҳили Амударё тавсиф мешавад. Археологи номи С.П.Толстов дар Хоразм хеле шӯҳрат доштани Сиёвушро таъкид кардааст. Дар натиҷаи ҳафриётҳои Хоразм тангаҳои зиёде дастрас шуданд, ки дар рӯи онҳо сурати Сиёвуш сабт ёфта буд.

Сиёвуш дар эҷодиёти даҳонии халқ аз образи худои мифологӣ-асотирӣ то ба дараҷаи қаҳрамони халқӣ бардошта мешавад.

Дар симои Сиёвуш хислатҳои покизагӣ, вафодорӣ, қатъият ва меҳрубони нисбат ба инсон ифода ёфтааст. Бинобар ҳамин ҳам мардум ӯро ҳамчун қаҳрамони идеалӣ, рамзи покизагию ҳалолӣ ҳурмат ва эҳтиром кардаанд. Аз рӯи маълумоти Наршахӣ, гӯё Сиёвуш дар Бухоро дафн шудааст ва мардуми Бухоро дар рӯзҳои иди Наврӯз ба сари қабри вай омада ӯро ёд мекардаанд. Халқ дар ҳаққи Сиёвуш сурудҳо офаридааст. Наршахӣ таъкид мекунад, ки «Аҳли Бухороро бар куштани Сиёвуш сурудҳои аҷиб аст, мутрибон он сурудҳоро «Кини Сиёвуш» гӯянд ва Муҳаммад бинни Ҷаъфар гӯянд, ки ин таърих се ҳазор сол аст».

Дигаре аз образҳои монументалии эҷодиёти даҳонии халқ образи Рустам аст. Вай аввал дар адабиёти даҳонӣ пайдо шуда, сонитар ба адабиёти хаттӣ гузаштааст. Ривоятҳо дар ҳаққи Рустам дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ, Эрон ва Афғонистон бисёр васеъ паҳн шудааст.

Рустам дар асарҳои эҷодиёти даҳонии халқ ҳамчун ҳимоякунандаи қувваҳои равшанӣ ва некӣ баромад мекунад, баҳри саодатмандии мардум ба муқобили ҳар гуна ҳомиёни бадӣ ва бадбахтӣ мубориза мебарад. Дар натиҷаи гузаштани асрҳо образи Рустам такмил ёфта ба ҳаёт наздиктар шудан мегирад ва ба адабиёти хаттӣ роҳ меёбад.

Яке аз асарҳои нахустин дар бораи Рустам дар Суғдиёна ба вуҷуд омада буд, ки зикраш дар боло омадааст. Дар ёдгориҳои хаттӣ Рустам ҳамчун паҳлавони беназир ва қаҳрамони ба муқобили душманони халқу ватан муборизакунанда, бунёдкунандаи шаҳрҳои зебо инъикос ёфтааст.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ Рустамро ҳамчун қаҳрамони асоси ба қалам дода, мақсаду мароми инсонпарварӣ ва адолатхоҳии худро ба воситаи

он ифода намудааст. Ба шӯҳратёбии номи Рустам ва наздикшавии вай бо ҳаёти реали, бешубҳа, хизмати Фирдавсӣ калон аст. Вай навишта буд:

Ки як  нима аз умри худ кам кунам,

Ҷаҳоне пур аз номи Рустам кунам.

Дар эҷодиёти даҳонии халқ дар қатори образҳои Сиёвуш ва Рустам образҳои Сом, Зол, Наремон, Барзу ва дигарон низ мавқеи калон доранд.

Бисёр асарҳои эҷоди бадеии халқ дар заминаи воқеаҳои реали таърихӣ, дар асоси муборизаҳои ба муқобили истилогарон бурдаи онҳо ба вуҷуд омадаанд, ки дар қатори онҳо ривояти Тумариса ва Шеракро ном бурдан мумкин аст.

***Ривояти Тумариса.*** Ривояти «Ҷанги Тумариса бо Куруш (Кайхусрав)» инъикоси бадеии муборизаи ба муқобили истилогарон бурдаи мардумони Осиёи Марказӣ аст. Ин асар ба воситаи «Таърих» ном китоби таърихнависи Юнон Герадот (асри У пеш аз мелод) то ба мо расидааст. Чуноне ки дар он ҳикоя карда мешавад, дар қисми шарқии баҳри Каспи, дар соҳили дарёи Аракс (Амударё) яке аз қабилаҳои Осиёи Марказӣ – массагетон зиндагӣ мекарданд. Мамлакати массагетонро Тумариса ном зани ҷасур ва боғайрат идора мекард. Подшоҳи сулолаи ҳахоманишиёни Эрон Кайхусрав ба мақсади ба даст даровардани мамлакати массагетҳо бо суханони маккорона ба назди Тумариса вакил фиристода, изҳори ақида кард, ки ӯро ба занӣ мегирад. Тумариса ин ҳиларо дарк карда фиристодагони ӯро қабул накард. Вақте ки Куруш бо роҳи фиреб муваффақият ба даст дароварда натавонист, бо лашкари бешумор ба тарафи Аракс ҳаракат кард ва ба бино кардани кӯпрук (пул) ва амадҳо шурӯъ намуд. Дар ин асно Тумариса ба воситаи сафирони худ ба Куруш номаи зеринро фиристод: «Эй подшоҳи мидиҳо, тайёриҳои худро бас кун. Зеро намедони, ки қасди ту ба фоидаи ту анҷом меёбад ё не, осуда бош ва дар мамлакати худ ҳукмронӣ кун, бигзор мо мамлакати худро идора кунем. Вале ту ба ин маслиҳат гӯш намедорӣ, зеро ту сулҳро камтар аз ҳама мехоҳӣ: пас, равон шав, модоме ки ту бо массагетҳо рӯ ба рӯ шудан мехоҳӣ, беҳуда кӯпрук масоз! Ба мо мӯҳлат деҳ, ки аз канори дарё ба серӯза роҳ оқиб равем ва онгоҳ

ту ба сӯи мо ҳаракат кун. Агар ту бо мо дар соҳили худ рӯ ба рӯ шудан хоҳи, низ ҳамин тавр кун». Куруш бо маслиҳати атрофиёнаш роҳи ҳиларо пеш гирифта ба Тумариса хабар мефиристад, ки бо ӯ дар мамлакати онҳо рӯ ба рӯ шудан мехоҳад. Тумариса аз рӯи ваъдааш ба роҳи серӯза оқиб меравад. Куруш бо аскарони худ аз дарё гузашта ба масофаи серӯза роҳ рафта, пас оқиб мегардад. Вай як қисми қӯшуни худ ва таому шаробҳоро дар он ҷо гузошта ба соҳили дарё бармегардад. Массагетҳо бо сардории писари Тумариса Спарганис ба қӯшуни форсҳо ҳуҷум карда, онҳоро ба осони мағлуб карда, ба хӯрдани таом ва нӯшидани шароб шурӯъ мекунанд. Дар чунин ҳолат Куруш қӯшуни асосии худро ба ҳуҷум мефиристад. Онҳо массагетҳои масту ғарқи хобро шикаст дода Спарганисро асир мегиранд.

Вақте ки Тумариса воқеаи мағлубияти аскаронаш ва бо ҳила асир гирифта шудани писарашро мешунавад, ба Куруш номаи зеринро мефиристад: «Эй Куруши хунхор, бо ин воқеаи рӯйдода фахр макун! Ту писари маро дар ҷанги кушод, мардона ва тан ба тан мағлуб накардӣ, балки бо шароби макр дастгир намудӣ. Акнун маслиҳати хайрхоҳонаи маро қабул кун: писарамро ба ман деҳ ва беталафот ба замини худ баргард ва фахр кун, ки сеяки аскарони массагетҳоро асир гирифтӣ. Агар инро накунӣ, қасам ба офтоб – худои массагетҳо, ки ту ташнаи хунро аз хун сер хоҳам кард».

Куруш ба нома эътиборе накард. Писари Тумариса Спарганис ба ҳуш омада воқеаро пай бурда, хоҳиш кард, ки ӯро аз банди занҷирҳо раҳо кунанд. Вақте ки дастони ӯро кушоданд, ӯ аз асири маргро беҳтар дониста худро кушт.

Тумариса фаҳмид, ки Куруш маслиҳати ӯро гӯш накард, тамоми қувваҳояшро ҷамъ карда ба ҷанг даромад. Дар байни ду лашкар ҷанги шадиде рӯй дод. Дар охир массагетҳо ғолиб омаданд ва худи Куруш ҳам ҳалок гардид. Тумариса машкро аз хун пур карда, фармуд, ки ҷасади Курушро ёбанд. Вақте ки ӯро ёфтанд, сарашро ба машк фурӯ карда ва ҷасади ӯро таҳқиркунон гуфт: «Бо макру фиреб писари маро кашида гирифтӣ ва ман бошам, чунон ки қасам хӯрда будам, туро аз хун сер кардам».

Чунон ки аз сюжети асар маълум мегардад, дар он муборизаи аҳли қабилаи массагетҳои Осиёи Марказӣ ба муқобили истилогарони аҳмони ифода ёфтааст. Дар образи Тумариса сифатҳои беҳтарини занони сарзамини Осиёи Марказӣ инъикос шудааст. Вай зани оқила ва роҳбари доност. Тумариса қалби соф ва иродаи қавӣ дошта, бо тамоми ҳастиаш халқу ватанашро дӯст медорад. ӯ ба молу мулки дигарон таҳдид намекунад, аммо сарзаминашро аз ҳар гуна душманон мудофиа менамояд.

Дар асар образи Кайхусрав чун шоҳи истилогар, мағрур, худбин ифода ёфтааст. Вай бо хислат ва хусусиятҳояш ба Тумариса муқобил меистад. Кайхисрав ҳариси молу мулк аст ва мехоҳад, сарзамини дигаронро бо ҳар навъ ҳилаю найранг ба даст дарорад. Аммо ба муқобилияти сахти аҳли қабилаи озодихоҳ дучор гардида, ниҳоят шармандавор ҳалок мешавад. Ҳамин тариқ, дар ривояти мазкур ғалабаи некӣ аз болои бадӣ, тантанаи озодӣ ва осоиштагӣ аз болои асорат ифодаи худро ёфтааст.

***Қиссаи Шерак.*** Қиссаи Шерак низ аз муборизаи қавму қабилаҳои Осиёи Марказӣ ба муқобили истилогарон ҳикоя мекунад. Мазмуни асар дар китоби таърихнависи Юнон Полиэн (асри П пеш аз мелод) баён шудааст. Аз ин баён маълум мешавад, ки баъди ҳалокати Кайхусрав подшоҳи дигари сулолаи ҳахоманишиҳо Доро барои забт кардани мамлакат ва асир гардонидани қабилаҳои суғду скиф ва массагетҳо ҳуҷуми ҳарбии истилогарона кардааст. Ин дафъа барои ватанро аз душман халос кардан Шерак ном чӯпони аҳли қабилаи сак қаҳрамонии ватандӯстона нишон медиҳад. Ҳангоме ки сардорони қабила нақшаи муборизаи зидди душманро мекашиданд, Шерак ба назди онҳо омада речаи худро баён мекунад. Ин речаро сардорони қабила маъқул медонанд. Аз рӯи он Шерак дар ҳолате ки гӯшу биниаш бурида, рӯйҳояш хуншор, танаш захмин ва ба хун оғушта буд, ба назди Доро омада арз мекунад, ки сардорони қабила ӯро ба чунин ҳол андохтаанд ва ӯ онҳоро хеле бад мебинад ва дилаш нисбат ба онҳо пур аз ҳисси интиқом аст. Ӯ тайёр аст, ки қӯшуни Дороро бо роҳи наздик ба ҷои пинҳоншудаи аҳли қабила расонад. Доро ба суханони Шерак бовар карда, аз оқиби ӯ бо лашкаронаш роҳ мегирад. Баъд аз ҳафт рӯз

роҳ гаштан қӯшуни форсҳо ба биёбони регзори беобу дарахт мерасад ва аз ташнагию гуруснагӣ ба ҳалокат мерасад. Форсҳо Шеракро ба банд гирифта, бо таҳдиди куштан талаб мекунанд, ки сабаби ин кори хавфнокро эзоҳ намояд. Вай нотарсона бо овози баланд чавоб медиҳад: «Шумо омадед, ки ҳамватанони маро асир кунед. Ман хостам, пеши бадбахтиҳоеро, ки шумо ба онҳо оварда истодаед, гирам. Бинобар он, шуморо ба ҷое овардам, ки аз гуруснагӣ ва ташнагӣ хоҳед мурд».

Шераки ватандӯст, барои он ки душманро фиреб дода ватан ва ҳамқабилаҳои худро аз истилошавӣ халос кунад, аз баҳри ҳаёти шахсиаш гузашта, қаҳрамонона ҳалок мешавад.

Қиссаи Шерак аз мардонаги, ҷасорат ва ҳисси душманбадбинии мардумони Осиёи Марказӣ ба хуби далолат медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар эпосҳои қаҳрамонӣ, ривоят ва қиссаҳои халқӣ ғояҳои ватандӯстӣ, мубориза бар зидди истилогарон, ҳимояи манфиатҳои халқу ватан ифодаи баръалоинаи худро ёфтаанд.

## САВОЛҲО ВА СУПОРИШОТ

1. Навъҳои асосии эҷодиёти шифоҳии давраи қадимро номбар кунед.
2. Дар асотири Митра ва Анахита кадом сифатҳои ҳомиёни қувваҳои некӣ инъикос ёфтаанд, шарҳ диҳед.
3. Дар «Авасто» кадомин сифатҳои зоҳирии Анахита баён шудаанд, баён кунед.
4. Қаюмарс ки буд ва ӯро қи, бо кадом мақсад офарид, муайян кунед.
5. Дар хусуси образи Ҷамшед дар асотир маълумот диҳед.
6. Образҳои асосии дар ривоят ва достонҳо тасвиршударо номбар карда, корнамоиҳои онҳоро шарҳ диҳед.
7. Гуфтаҳои Фирдавсиро дар хусуси корнамоиҳои Ҷамшед ва гуноҳи содир кардаи у аз ёд кунед.

**ттттоооооооооо**

## АДАБИЁТИ ХАТТӢ

Хат ва алифбо дар байни мардумони Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон дар давраҳои хеле қадим ба вуҷуд омадааст. Инсон дар тайи тараққиёти худ бо сабабҳои гуногун кӯшиш кардааст, ки фикру мулоҳизоти худро бо ягон шакле ё сурате ифода намояд. Хатҳои аввалин аз рӯи талаботи ҷамъият ба майдон омада, дар шакли иероглиф (аломат)ҳо буданд. Аз хатҳои қадима хати орамеи, авестои, мехи, суғди, бохтари, хоразмиро номбар кардан мумкин аст, ки баъзе аз намунаҳои онҳо ба мо омада расидаанд.

Бо пайдоиши хат ва алифбо ёдгориҳои хаттӣ ба майдон омаданд, ки таърих чанде аз намунаҳои ба давраҳои гуногун мансуби ӯро ба мо мерос гузоштааст. Ингуна ёдгориҳо аз лавҳаҳои рӯи сангҳо, зарфҳо, тангаҳо ва адабиёти хаттӣ иборат мебошанд. Дар ин ёдгориҳо урфу одат, тарзи зиндаги ва эътиқоди қабила ва қавмҳои қадим ва ҳаёти иқтисодию ҷамъиятӣи онҳо ифодаи худро ёфтаанд.

Ёдгориҳои хаттӣи қадимаро аз назари забони ба ду гурӯҳ чудо кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи якум ёдгориҳои хаттӣе дохил мешаванд, ки ба забонҳои қадимаи эронӣ нигошта шудаанд. Ба ин гурӯҳ ёдгории хаттӣи Беҳистун (Бесутун) ва китоби «Авасто»-ро дохил кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи дуюм ёдгориҳои хаттӣе дохил мешаванд, ки онҳо ба забонҳои миёнаи эронӣ таълиф ёфтаанд. Ин гурӯҳ аз навиштаҷоти шоҳони сосонӣ, ёдгориҳои хаттӣи паҳлавӣ, парфиёнӣ ва суғди иборат буда, аз ҷиҳати мавзӯъ ва мундарича характери сиёси, дини, дидактики, қаҳрамони ва таърихи доранд.

Достонҳои «Дарахти ассури», «Ёдгори Зарирон», асарҳои динии «Ардаван Вирафнома», «Динкард», «Меноги хирад», китобҳои характери дунёви ва қаҳрамони доштаи «Корномаи Ардашери Бобакон», «Андарзи Хусрави Анӯшервон», «Худойнома» аз қабили онҳо мебошанд.

### САВОЛҲО:

1. Хатҳои қадима кадоҳоанд?

2. Ёдгории хаттӣи бесутун ва китоби «Авесто» ба кадом гурӯҳи забонҳои эронӣ таълиф шудаанд?

3. Ба гурӯҳи забонҳои миёнаи эроони кадом забонҳо дохил мешаванд ва ба ин забонҳо чи гуна асарҳо офарида шудаанд?

## АҚИДАИ ЗАРДУШТӢ ВА КИТОБИ «АВАСТО»

Ақидаи зардуштӣ аз номи Зардушт, ки ӯро асосгузори ин таълимот медонанд, гирифта шудааст. Дар «Авасто» номи Зардушт дар шакли Заратуштра қайд шудааст. Дар осори хаттӣи баъдина ин ном дар шакли Зардуҳишт, Зардуҳушт, Зардушт навишта мешавад. Зардуштро пайғамбари бузург ва таълимоти ӯро дини зардуштӣ номидаанд.

Дар илми муосир Зардушт шахси таърихи эътироф шуда, муаллифи «Гот»-ҳо – қисми қадимтарини «Авасто» донista мешавад.

Дар илми куҳану муосир Зардушт чун нахустпайғамбар, нахустшоир, ҳаким ва файласуфи халқҳои оринажод муаррифи мешавад. Номи авлодиаш Спитама буда, аз ин рӯ дар манбаъҳо ба шакли Зардуштӣ Спитама қайд мешавад.

Доир ба замон ва зодгоҳи Зардушт ихтилофҳои зиёде мавҷуданд. Баъзе аз муҳаққиқон замони зиндагии ӯро шаш ҳазор сол, дигаре ду ҳазор сол ва сеюми 700 сол қабл аз мелод донистаанд. Бисёре аз Олимонӣ таърихдон, аз ҷумла академик Б.Ғафуров изҳори ақида мекунад, ки замони фаъолияти Зардушт ва офариниши «Гот» ҳо мобайнҳои асри VII ва аввали асри VI пеш аз мелод аст. Беруни ва Масъуди барин таърихдонҳои номи таваллуди Зардуштро соли 660 то мелод гуфтаанд. Баъзе манбаъҳои дигар солҳои зиндагии ӯро 723-646 то мелод қайд мекунанд, ки ба ҳақиқат наздик аст.

Солиёни дароз дар хусуси зодгоҳи Зардушт низ фикрҳои мухталиф давом доранд. Дар ин хусус ҳудуди ҷуғрофии худи «Авасто» шаҳодат медиҳад, ки ватани аслии Зардушт Айрианамвоч, яъне Хоразми қадим аст. Ҳамин тариқ,

таълимоти Зардушт ва китоби муқаддаси он «Авасто» на дар Ирони ғарби, балки дар Ирони шарқи (Осиёи Марказӣ) ба майдон омада, баъд ба ғарб паҳн шудааст. Аён аст, ки баъди бунёди таълимоти худ Зардушт баҳри тарғиби он камар баста, ба Балх меояд ва дар симои шоҳ Гуштасп (Виштасп) ҳимоят мебинад. Дар ин хусус дар як қатор осори таърихи ва адабии форси-дари маълумотҳо оварда шудаанд, ки «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷумлаи онҳост. Фирдавсӣ дар боби «Пайдо шудани Зардушт ва пазируфтани Гуштасп дини ӯ» ин дини навро қабул кардани Гуштасп ва ба интишори он кӯмак расонидани ӯро чунин менигорад:

Хучастапою номи ӯ Зардуҳушт,
Ки Оҳармани бадкунишро бикушт.
Ба шоҳи чаҳон гуфт пайғамбарам,
Туро сӯи яздон ҳаме раҳбарам.
Яке мичмар оташ биёвард боз,
Бигуфт аз биҳишт оваридам фароз...
Биёмӯз оини дини беҳи,
Ки бе дин на хуб аст шоҳаншаҳи.
Чу бишнид аз ӯ шоҳи беҳ дини беҳ,
Пазируфт аз ӯ дину оини беҳ.

Тарғиботи Зардушт ба муқобили ҳокимияти пешвоёни қабилавию авлоди ва коҳинони кӯҳна, инчунин худоҳои динҳои аввала нигаронида шуда буд. Зардушт бар зидди ҳолати кӯчманчиги баромада ҳокимияти пуриқтидори муқими ва ҳаёти осоиштаро дар рӯи замин тарғиб мекард. Зеро, ин таълимот дар замонае пайдо шуда буд, ки мардум аз ҳолати бодиянишини ба муқими мегузаштанд ва дар дини зардуштӣ ҳамин ҷиҳати ҳаёти мардумони давраи қадим ифодаи худро ёфта буд. Ин маъниро аз саволҳои Зардушт ба худои оли – Ҳурмуз ва чавобҳои ӯ фаҳмидан мумкин аст.  Зардушт ба Ҳурмуз мурочиат карда мепурсад: «Аз ту мепурсам, ба рости ба ман бифармо, эй парвардигори олами чисМонӣ Аҳурамаздо, кучост он макон, ки боиси шоди ва зебоии замин гардидааст?»

Аҳуромаздо ҷавоб медиҳад: «Ин ҳамон ҷост, ки бандагон барои худ маскан, оташкада ва барои ҳайвонот ҷое сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои дастаҳои ҷангии нағз бошанд. Он вақт дар макони онҳо ҳайвоноти бисёр, хайру баракот, чарогоҳ, зан, ҷавонмардон, оташ ва ҳама гуна нозу неъмат муҳайё хоҳад шуд».

Дар таълимоти зардуштӣ меҳнат кардан, деҳқони ва чорводориро ривоҷ додан тарғиб карда мешавад. Дар он гуфта мешавад, ки «Замин дар он ҷой ва аз он касон шод аст, ки аз ҳама бисёртар ғалла, алаф, дарахтони мевадор рӯёнида, заминҳои хушк обёри ва ботлоқҳо ба киштзор мубаддал карда шудаанд». Замин мегӯяд: «Эй одами, ки ту маро бо дасти чапу рост ва росту чап мерони ва кишт мекуни, ман ба тарзи доими ба ту ёри мерасонам, хӯроквори ва ғалла дона ва ҳар чизе, ки тавонам, ба ту хоҳам дод. Он касе, ки ғалла мекорад, кори муқаддас ба ҷо меорад».

Таълимоти зардуштӣ дар заминаи оинҳои пешинаи дини ба вуҷуд омада аст. Вале, дар айни ҳол, Зардушт ақидаҳои пешинаи бисёрхудоиро, ки аз рӯи он ҳар як ҳодисаю воқеа ва предметҳои табиат чун худо тасаввур карда мешуданд, барҳам дода, ғояи якхудои (ваҳдат)-ро пеш меронад. Ғояи якхудои ҳаракат ва кӯшишҳои муттаҳидшавии халқҳои эрониро, ки аввалҳо дар Эронӣ шарқи – Осиёи Марказӣ (Ариана, Бохтар, Суғд, Марв, Хоразм, Хуросон) ба вуҷуд омада буд, акс кунонидааст.

Зардушт пайваста бо афрӯхтани оташ ва бунёди оташкадаҳо машғул будааст ва аз ин рӯ оташпараст ном гирифта ва оташро қиблаи Зардушт хондаанд. Чунин оташкадаҳо дар ҳудуди имрӯзаи ӯзбекистон, аз ҷумла Самарқанд ҳам бисёр бунёд шудаанд. Бузургтарин оташкадаи зардуштӣён дар Балх буда ва он «Навбаҳор» ном доштааст. Зардуштӣёни қадим онро мисли Каъбаи мусулмонон муқаддас медонистаанд. Чунон ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» қайд кардааст, ҳар подшоҳе, ки аз зардуштӣён сари тахт меомад, аввало ба хонаи муқаддас – оташкадаи «Навбаҳор» рафта, дар назди оташи муқаддас ба худои оли Аҳуро Маздо қасамёд мекардааст:

Чу Гуштаспро Луҳрасп дод тахт,

Фуруд омад аз тахту барбаст рахт.
Ба Балхи гузин шуд бар он Навбаҳор,
Ки яздонпарастон бад-он рӯзгор
Мар он хонаро доштанди чунон,
Ки мар Маккаро тозиён ин замон.

Дини зардуштӣ аз аввалҳои пайдоиши худ характери умумиилоҳи ва давлати касб карда аст ва давлати шоҳи барои паҳншавии он кӯмак расонида аст. Дар айни замон дини зардуштӣ барои барҳам додани ҳукуматҳои майдаи қабилаҳо, барои ташкили давлати маркази ва подшоҳи ягонаи эрониёни қадим ҳамчун аслиҳаи мафкурави хизмат карда аст.

Дар хусуси вобастагии дин ва давлат Фирдавсӣ навишта буд:

Чунон дину давлат ба якдигаранд,
Ту гӯи, ки дар зери як чодаранд.
На бе тахти шоҳи бувад дин ба пой,
На бе дин бувад шаҳриёри ба чой.

Ҳамин тариқ, оини зардуштӣ чараёни муттаҳидшавии эрониёни қадим, кӯшишҳои барҳам додани давлатҳои майда, ташкили давлати ягонаи шоҳаншоҳиро акс менамояд.

Таълимоти зардуштӣ таълимоти дини – фалсафи мебошад. Хусусияти хоси аҳкоми зардуштӣро дуализми мутлақ, яъне имон ба ду холиқ – худои хайру нур Аҳура Маздо ва худои шарру зулмат Ангро Манию ташкил менамояд. Аҳура Маздо аз чавҳари пок ва хубиҳо иборат буда, Ангро Манию аз чавҳари палид иборат аст, ки офаридгори бадиҳо мебошад. Нур, офтоб, равшани, об, оташ, фаровонҳосили, сиҳати, меваҳо, ҳайвоноти фоидабахш, осоиштаги ва ғайра офаридаҳои Аҳура Маздо буда, торики, марг, хунуки, касали, вабо, чанг, зулму золими ва ғайра эҷоди Аҳриман аст. Мазмуни оламро, ки дар шаш давр офарида шуда аст, муборизаи ин ду қувваи ба ҳам муқобил ташкил медиҳад. Дар муборизаи зидди зулмат ва бади ба Аҳура Маздо шаш фариштаи човид (Амшаспента) ёри мерасонанд.

Дар навбати худ аз рӯи таълимоти зардуштӣ, Аҳриман низ ба муқобили махлуқоти Аҳура Маздо арвоҳони бадро офарид, ки онҳо афкори бад, ғаму андӯҳ, бадбахти, истибдод, дузди, одамкуши, касали, зарарrасони барин хислатҳоро доро мебошанд ва зидди амшаспентаҳо мубориза мебаранд. Инчунин, Аҳриман бар зидди эзидҳо девҳо – иблисҳои сершуморро офарида аст, ки таҷассуми бади ва бадкирдорианд.

Дар дини зардуштӣ замин, об ва оташ ҳамчун чизҳои муқаддас парастиш карда мешуданд. Парастиши оташ ҳамчун рамзи нур дар замин, ҳамчун ҳамсафи пуриқтидори Аҳура Маздо хеле эътибор дошт ва боиси «оташпараст» ном гирифтани зардуштӣён гардида буд. Ба хомӯшшавии оташ роҳ додан, онро ифлос кардан қатъиян манъ буд. Аз рӯи ақидаи зардуштӣ макрӯҳ сохтани яке аз унсурҳои муқаддас – об, оташ ва замин гуноҳи азим ҳисоб меёфт. Онҳоро ҳамеша озода ва пок нигоҳ доштан талаб карда мешуд. Бинобар ҳамин ҳам часади мурдаро ба хок дафн кардан, дар оташ афкандан, дар об ғарқ кардан қатъиян манъ буд. Часади мурдагонро ба дахмаҳои махсус гузошта, пас устухонҳоро дар тобутчаи сафолин (ассуари-устухондон) андохта гӯр кардан расми зардуштӣён аст.

Дини зардуштӣ ҳам ба монанди динҳои дигар таълим медод, ки баъд аз марг часади одам фано шуда вале рӯҳаш абади мемонад. Вай мувофиқи корҳои дар ин дунё кардаи одам дар он дунё дар азоб ёки дар роҳат мемонад. Фариштагон корҳои дар зиндаги кардаи одамонро ба ҳисоб мегиранд. Агар корҳои неки одам нисбат ба аъмоли бадаш зиёда бошад, ба осони аз пули чинвод гузашта ба олами Аҳура Маздо меравад ва агар баръакс бошад, дар олами дӯзахи Аҳриман месӯзад. Одами, гарчи зодаи Аҳура Маздо аст, вале вай дар интихоби кирдор озод аст. ӯ метавонад мувофиқи иродаи худ ба муборизаи байни олами нуру зулмат ширкат намояд. Вай масъул аст, ки бо се хислати асосиаш – кирдори  нек, гуфтори нек ва андешаи нек ба худои оли Ҳурмуз дар муборизаи зидди Аҳриман ёри расонад ва ёки баръакс. Барои инсон чой дар мобайни ин ду қувваи ба ҳам муқобил вуҷуд надорад:

«Он ки некро баргузинад, растагор аст. Он ки бадро баргузинад, ба ранчу дареғ ва афсӯс дучор хоҳад шуд. Аммо он ки миёна гузинад, чой дар чомеа надорад, ки кирдоре зишт аст», - навишта мешавад дар «Авасто». Инчунин, меҳнати ҳалол, чорводори, деҳқони ва хусусан истеҳсоли гандум накӯкории бузург ҳисоб меёбад.

Дини зардуштӣ дар тӯли асрҳо дар натиҷаи тағйири шароити ичтимои мазмунан дигаргун шуда аст. Ин дин дар давраи ҳукмронии сосониён ба дарачаи дини давлати бардошта мешавад ва баъди истилои араб ҳам чанд муддат нуфузи худро нигоҳ медорад. ҳоло ҳам дар шаҳри Бомбаи Ҳиндустон ва Язду КирМонӣ Эрон зардуштиён мавҷуд буда, расму оини қадимаи худро нигоҳ медоранд.

## САВОЛҲО:

1. Зардушт ки буд ва таълимоти ӯ чи ном дорад? Вай дар кадом давра зиндаги ба сар бурдааст?
2. Дар дини зардуштӣ барои чи тарзи зисту зиндагии муқими аз ҳаёти бодиянишини бартар дониста мешавад?
3. Дар дини зардуштӣ ғояи чанд худои пеш ронда шудааст ва барои чи?
4. Барои чи дини зардуштиро дини оташпарасти ҳам меноманд?
5. Ибодатгоҳи зардуштиён чи ном дошт ва дар он чигуна амалҳо ичро карда мешуданд?
6. Бузургтарин ибодатгоҳи зардуштиён дар кучо буд ва он чи ном дошт.
7. Асоси таълимоти зардуштиро муборизаи кадом қувваҳои ба ҳам мукобил ташкил мекарданд.
8. Офаридаҳои Аҳуро Маздо ва Аҳриман кадомҳо буданд?
9. Зардуштиён кадом ашъёҳои табиатро муқаддас дониста онҳоро парастиш мекарданд?

10. Аз руи ақидаи зардуштӣ се хислати асосии ахлоқи одами кадомҳоанд?

11. Аҳамияти тарбияви-ахлоқии дини зардуштӣ дар чист?

***<u>«Авасто».</u>*** «Авасто» - китоби муқаддаси дини зардуштӣ, кӯҳнатарин намунаи осори таърихи, фарҳанги, илми ва адаби аст. Ин ном аз калимаи «апастак» буда, маънои матн, асос, бунёдро дорад. Дар осори илмию адабии ба забонҳои араби ва форси-тоҷики таълифшуда вай ба тарзи Абасто, Абисто, Абастоғ, Бустоқ, Усто, Васто ва ғайра дучор меояд.

«Авасто» роҳи тӯлонии таърихиро тай карда, борҳо дучори ҳамлаи ғоратгарони ачнаби гашта ва аз он зиёнҳо дида, бо мурури замон аз нав қад рост кардааст. Пайдоиши «Авасто» ба мобайнҳои нимаи аввали ҳазорсолаи пеш аз мелод рост меояд ва ватани аслиаш Хоразм дониста мешавад. Аҳамияти умумбашарии ин асари безаволро ба эътибор гирифта, дар сессияи сеюмини сарконференцияи Юнеско аз моҳи ноябри соли 1999, ки дар Париж гузаронида шуда буд, қарор шуд, ки дар миқёси чаҳони чашни 2700 солагии вай қайд карда шавад. Соли 2001 ин сана дар Республикаҳои ӯзбекистон ва Тоҷикистон ба тарзи тантанави ёдбуд шуд ва бо ҳамин муносибат китоби «Авасто» ба забонҳои ӯзбекию тоҷики дастраси хонандагон гардид. Чашни 2700 солагии «Авасто» махсусан дар ватани он ки Хоразми имрӯза аст, хеле бо шукӯҳ ва мутантан воқеъ гардид. Дар ин чашн, ки дар мачмӯи ёдгории боҳашамати «Авасто» барпо гашт, Президенти Республикаи ӯзбекистон И.Каримов иштирок намуда, дар хусуси аҳамияти умумбашарии ин асари номурдани ибрози ақида кард.

Ҳарчанд дар илми «Авасто»шуноси собит шудааст, ки пайдоиши ин китоб ба ҳудуди Осиёи Марказӣ (Суғд,Бохтар, Хоразм) марбут аст, вале аҳамияти онро танҳо бо ин сарзамин маҳдуд кардан нашояд. Зеро вай таърихи тараққиёти дуру дарозеро аз сар гузаронида ва дар таҳаввулу такмили он дар қатори мардумони Осиёи Марказӣ гузаштагони халқҳои Эрон, Афғонистон ва Озарбойчон низ ҳиссагузори кардаанд.

«Авасто» бо алифбои оромеи ва дар лаҳчае фароҳам омадааст, ки вай дар нимаи аввали ҳазораи якӯми пеш аз мелод дар Осиёи Марказӣ мустаъмал буд. То ҳучуми Искандари Мақдуни ба Осиёи Марказӣ вай дар шакли ду китоби алоҳида вучуд дошт ва ҳар яки он, бино ба маълумотҳо дар рӯи пӯсти 12 ҳазор гов китобат шуда буд. Аз рӯи овардаҳои таърихчи Масъуди бо фарМонӣ Искандар маълумотҳои оид ба тиббиёт, фалсафа ва илми нучумро Олимон ба забони юнонӣ тарҷума карда, дигар ҳама қисматҳои онро оташ задаанд.

Дар солҳои минбаъда барои тартибу танзими «Авасто» бисёр ҳукуматдорон кӯшиши зиёде ба харч доданд. Дар ибтидо, дар аҳди ашкониён мӯбадони зардуштӣ ба ҷамъоварии «Авасто» сар карданд. Дар давраи сосониён кори тартибу танзим ва ба шакли китоби алоҳида даровардани он идома ёфт. Дар ин давр, аз оғози пайдоиши қисматҳои аввалини он қариб ҳазор сол гузашта ва забоне, ки бо он матнҳои авестои тартиб ёфта буданд, ба забони мурда табдил гашта буд. Бинобар ҳамин ҳам, дар замони сосониён алифбои махсус барои навиштани он ихтироъ шуд. Матнҳои боқимондаи «Авасто», ки аслан дар асоси нақли лафзии он сурат гирифта ва то ба мо расидаанд, ба ҳамин китобати давраи сосонӣ мансуб мебошанд. Дар аҳди сосониён, асосан дар давраи Хусрави 1 (531-578) «Авасто» ба забони маъмулии он давр – забони паҳлавӣ тарҷума ва тафсир ҳам карда шуд. Ин тарҷума ва тафсири «Авасто»-ро «Занд» (дониш, таълимот) меноманд.

Таҳрири охирини «Авасто» аз 21 наск (китоб) иборат буда, қисмати то ба мо расидаи он ки дар асрҳои ХШ-Х1У китобат шудаанд, чаҳоряк қисмати китобати давраи сосониёнро ташкил медиҳад ва он танҳо аз 5 китоб иборат аст:

1. Вандидод - (аслан «Видевдат» (авест.Ви-Даево-датем), ки ба муқобили девон гуфтан аст) – ин қисм аз 22 фаргард (боб) иборат буда, қонунҳои зидди девонро дар бар мегирад. Он ба тарзи пурсишу посухи байни Зардушт ва Аҳура Маздо сохта шудааст. Дар фароварди 1-ум аз 16 кишвари офаридаи Аҳура Маздо сухан меравад. Нахустин кишвар Аирйана-Ваеча (Хоразми ҳозира), сипас Суғд, Марв, Бохтария ва ғайра номбар шудаанд. Аҳура Маздо

дар ин кишварҳо тухми неки мекошт, Аҳриман бошад, бадию бадкори. Фаргарди дуюм устураи Йима (Ҷамшед)-ро дар бар мегирад. Фарвардҳои дигар ба ситоиши меҳнати кишоварзи ва чорводори, масъалаи беҳдошт - тоза нигоҳ доштани бадан, пешгирии касалиҳо ва ғайра бахшида шудаанд. Қисме аз фаргардҳо ба тариқи шеъри ва забони шоирона иншо шуда, аҳамияти адаби ва бадеи доранд.

2. Виспарад - (авестои – виспе – ҳама ва ратаво-родон, далерон, бохирадон). Аз маҷмӯи дуоҳо дар ситоиши эзидони зардуштӣя иборат аст ва 24 бобро бо номи «Карда» дар бар мегирад. Виспарад китоби соф дини аст ва гумон меравад, ки онро мӯъбадони зардуштӣ дертар таълиф кардаанд.

3. Яшт – маънии ситоиш ва ниёишро дошта, қисмати хеле дилкаш ва ҷолиби диққати «Авасто» мебошад. Аз «Авасто» ҳамаги 21 яшт боқи мондааст ва онҳо ба ситоишу ниёиши эзидон бахшида шудаанд. Ҳар як яшт ба карда (боб) ҳои алоҳида тақсим мешаванд ва онҳо аз якчанд банд иборат мебошанд. Дар онҳо асотиру ривоятҳои қадима низ ҷой доранд. Яшти ҳаома, Яшти Ардвисура, Яшти Меҳр маҳз аз ҳамин қисмати «Авасто» ҷой гирифтаанд.

4. Ясно – ин калима дар «Авасто» ба тарзи «йасна» аст, ки маънои «парастидан» ва «ситоиш кардан»-ро дорад. Ясно аз 72 боб иборат аст, ки онҳо дар «Авасто» «хаити» ва дар паҳлавӣ «ҳот» талаффуз мешаванд. Ҳотҳо аз дуоҳое иборат мебошанд, ки дар ситоиши Аҳура Маздо, амшаспандон ва эзидони дигари Зардуштӣ гуфта шудаанд. Бисёре аз қисмати «Ясно»-ро «Гот» ҳо ташкил мекунанд. Готҳо аз қадимтарин қисмати «Авасто» буда ва муаллифаш худи Зардушт дониста мешавад. Калимаи «Гот» дар забони авестои маънои «суруд»-ро дорад ва онҳо саросар ба тариқи шеъри гуфта шудаанд.

5. Хурд Авасто (Хвартак апастак). Ин китоб мунтахабе аз тамоми «Авасто» мебошад ва матнҳои хурди ибодатиро дар ҳаққи худо, офтоб, моҳ ва ғайра фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, китоби «Авасто» маҷмӯи ақидаҳои дини Зардуштӣ ҳисоб меёбад. Асоси таълимоти Зардуштӣ ҳаким ва файласуфро тавҳид (ваҳдат) яъне

яктопарасти ташкил мекунад. Зардушт ақидаҳои то он давр мавҷудаи бисёрхудоиро барҳам зада, парастиши худои ягона – Аҳура Маздоро пеш ронд, ки дар ин хусус шоир ва мутафаккири номи Муҳаммади Иқбол (1877-1936) чунин нигоштааст: «Пешиниён арвоҳи (руҳҳои) неки мутааддид ва зиёдеро мепарастиданд. Зардушт он арвоҳро ягонаги бахшид ва он ягонаро «Аҳура Маздо» хонд.

Бар ҳамин сиёқ (тариқа) ҳама арвоҳи бадро ягона шумурд ва «Дурӯғ» - «Аҳриман» номид. Вале ду буни (асоси) ҳастиро ду ниру (қувва), ду фаъолияти мустакил надонист, балки баҳраҳо (қисмҳо) ё вучуҳи дугонаи як вуҷуди аввали ангошт. Аз ин чост, ки ... пайғамбари Эронӣ бостон аз ҷиҳати дини яктопараст (аҳли тавҳид) аст ва аз ҳайси (ҷиҳати) фалсафи дугирои (дуалист) мебошад». Таълимоти Зардушт, чунон ки аз овардаҳои болои аён мешавад, моҳияти дуалисти дошт. Ин дугонаги аз муқобилгузории ду мабдаи доимии мучаррад- неки ва бади, рост ва дурӯғ, равшани ва торики таркиб ёфта буд.

Аҳура Маздо (Ҳурмуз) аз чавҳари пок ва хубиҳо иборат буда, Ангро Маню (Аҳриман) аз чавҳари палид иборат аст, ки офаридгори бадиҳо мебошад. Нур, офтоб, равшани, об, оташ, фаровонҳосили, сиҳати, осоиштаги ва ғайра офаридаҳои Аҳура Маздо буда, торики, марг, касали, вабо, ҷанг, зулму золими ва амсоли он эҷоди Аҳриман аст.

Аз рӯи таълимоти зардуштӣ инсонро Аҳура Маздо ба сифати чавҳари пок офаридааст ва вай вазифадор аст, ки бо кору кирдораш дар ғалабаи неруи неки бар бади ёрирасон бошад. Асоси ахлоқии таълимоти Зардуштро «Гуфтори нек, пиндори нек ва кирдори нек» ташкил медиҳад. Ҳар касе аз рӯи ин шиор амал кунад, вай бешубҳа тарафдори Аҳура Маздо аст. Агар инсон ҳатто дар андешааш ба ягон афкори бад роҳ диҳад, вай ҳамоно ба ҳимоятгари Аҳриман маҳсуб мегардад.

Аз рӯи таълимоти Зардушт гуноҳи бадтарин барои инсон дурӯғгӯй аст. Деви Друч (Дурӯғ), ки зодаи Аҳриман аст, гумроҳкунандаи асосии мардум мебошад ва Зардушт ба муқобили дурӯғ мубориза мебурду пайравонашро ба

ин кор даъват мекард. Дар «Авасто» оиди зарари дурӯғ ба инсон ва умуман олами неки чунин оварда мешавад:

«Сухани дурӯғ ва меҳри дурӯғин умри одамонро кӯтоҳ, баракати заминро кам, лаззати обро талх ва сафои осмонро тира мегардонад».

Арзиши баланди ин гуфтаҳо дар такомули ахлоқи ҷомеаи имрӯз ва ғановатмандии маънавияти вай бағоят бузург аст.

Ҳамин тариқ, «Авасто» ҳамчун асари динию фалсафи ба эътирофи ҳасти ва яктоии Аҳура Маздо, растагори ба андеша, гуфтор ва кирдори нек, мубориза алайҳи бадию бадкори қарор ёфтааст. Бо вуҷуди асари дини будан, вай арзиши баланди таърихи, адаби, илми, тибби, ахлоқи ва эстетикиро ҳам доро аст.

Дар илми «Авасто» шуноси ин асар ба сифати як кохи мӯҳташами адаби арзёби мешавад, ки айни ҳақиқат аст. Зеро, дар он намунаҳои фаровони асотир, ривояту қиссаҳо, достонҳои қадима, сурудҳои рангоранг ва намунаҳои дигари эҷоди бадеии ниёгон оварда шудаанд, ки дар талқини ақоиди зардуштӣ корбаст гаштаанд.

Асоси «Авасто»-ро асотир ташкил медиҳад ва маҳз тавассути он муборизаи олами неки ва бади, равшани ва торики ифодаи ҷозибаноки бадеии худро ёфтаанд. Асотири «Авасто» аҳамияти баланди маърифи дошта, дар худ ҷаҳонбини ва ҷаҳонфаҳмии инсони ҷамъиятӣ ибтидоиро оиди олам, ҳодиса-воқеа ва ашёҳои он ифода мекунад. Ин устураҳо далели мӯътамад бар он аст, ки ниёгони мо осори бои адабиро доро будаанд.

Дар илм собит шудааст, ки баъзе қисмҳои «Авасто», махсусан «Готҳо» ва «Яштҳо» ба тарзи назми иншо шуда, дорои вазни шеъри (вазни ҳиҷо) мебошанд. Аксари мисраъҳо аз 8 (баъзан 10 ё 12) ҳиҷо иборатанд. Дар қисмҳои насрии он ҳам порчаҳои назми мавҷуданд. Бино ба маълумоти баъзе манбаъҳо ин асари пурмӯҳтаво дорои 2 млн. байт будааст.

Дар «Авасто» таваҷҷӯҳ ба сухан (гуфтор) ҳамчун қувваи асосии таъсирбахш (сухани муқаддас) мавқеи калон дорад ва махсусан сухани мавзун. Зардушт дар яке аз мурочиатҳояш ба Аҳура Маздо, дар ин хусус чунин мегӯяд:

«...ман ба ту бо суханони мавзун мурочиат менамоям, на бо суханони номавзун».

Дар асар истилоҳи махсуси адабиётшиноси истифода шуда, бобҳои «Ясно» - «ҳот», «Яштҳо» - «карда», банд – «вачасташтаи» (аз ҷузъҳои «вача» - вожа, сухан, гуфтор ва «таш» - тарошидан, буридан), як мисраъ – «афсман» (маънои луғавиаш андоза, миқёс) ва як калима «вачангҳа» (вожа), як ҳиҷо – «пад» ном дорад. Миқдори калимаҳои қисмати то ба мо расидаи ин асар ба 83000 мерасад.

«Готҳо» қадимтарин қисми «Авасто» буда, муаллифаш худи Зардушт аст. Аз ин сабаб ҳам вай ба сифати нахустшоири мардуми оринажод эътироф шудааст. Готҳо аз бандҳои семисраги, чаҳор ва панч мисраги иборатанд, ки баъзан миқдорашон ба садҳо банд мерасанд. Онҳо пурра дар вазни ҳиҷо таълиф ёфтаанд. «Гот» калимаи авастои буда, маъниаш суруд, суруди мутантан (гимн) аст. Готҳо ҳамчун офаридаи як шоири тавоно вобаста бо тақозои замон масъалаҳои сиёсию ичтимоии, афкори қобили қабули панду ахлоқиро дар худ ифода кардаанд. Замони эҷоди онҳо ба як давраи таърихии Осиёи Марказӣ рост меояд, ки дар он давр мардум ба муқимнишини мегузаштанд. Масалан, дар яке аз сурудҳо мардумро барои пайрави ба оинаш Зардушт чунин даъват мекунад: «Ононе ки ойин аз ман пазиранду пайрави кунанд, башоратошон бод, ки ба мӯчиби ин некиву роди аз беҳтарин зиндаги дар беҳтарин сарзаминҳо бархурдор шаванд ва ононе ки роҳи душмани баргузинанд, бегумон дархури ситезачӯй ва пайкор мебошанд. Эй Маздо, ману ҳамаи маздиясной бар онем, ки бо сурудҳои ситойиш туро хушнуд созем».

Готҳои Зардушт чанбаи пурқуввати ахлоқи доранд. Асоси онро ҳам зиддияти ду гавҳаре ташкил медиҳад, ки яке пок асту дигари палид. «Он як гавҳар, ки пок аст ба он дигар, ки палид аст, гуфт, ки мо ҳеч гоҳ созгор нахоҳем буд, на дар андеша, на дар омӯзиш, на дар хосту ирода, на дар ойину гуфтору кирдор». Дар онҳо мардум ба роҳи рост, кору кирдори нек ҳидоят мешаванд: «Ононе ки шеваи беҳи ва рости баргузиданд, дар ин чаҳон шодмону хурсанд ва дар он саройи човидони низ комёбу бахтиёр хоҳанд буд. Ва ононе,

ки пайрави аз дурӯғро гузинаш кунанд, ранчи зиёда хоҳанд бурд». Инчунин, омадааст, ки «ойини беҳи суди фаровонро барои мардум дар ҳамин чаҳон фароҳам мекунад».

Қисмати дигари хеле дилкаш ва чолиби диққати манзуми «Авасто» «Яштҳо» мебошанд. Калимаи «яшт» маънии ситоиш ва ниёишро дорад. Аз ин китоби муқаддас 21 яшт боқи монда ва ҳар як аз он ба бобҳои чудогона тақсим мешавад, ки «карда» ном дорад. «Яшти ҳаома», «Яшти Ардвисура», «Яшти Меҳр» аз ҷумлаи беҳтарин намунаҳои эҷоди бадеии манзуми ниёгони мо ҳисоб меёбанд.

Чунон ки аён мешавад, «Авасто» арзиши бағоят баланди бадеи дорад. Дар асар воситаҳои тасвири бадеи, чун тазод, ташбеҳ, тавсиф, такрор, муболиға ва ғайра фаровон истифода гардидаанд. «Авасто» имрӯз ҳам чашмаи ҳаёти маънавию маърифии мост ва бузургдошти он, омӯзишу риояи ақоиди он вазифаи ҳар яки мост. Бино ба гуфтаи проф. Т.Маҳмудов «Авасто» китобест, ки чашми кӯрро бино, гӯши карро шунаво мекунад, дилҳои зангбастаро бо оби имон мешӯяд, ба бандагони ноумед чароғи абадиятро ҳадя месозад. Хулоса, ба одамон маънои ҳаёт ва абадиятро меомӯзад».

## АДАБИЁТИ ПАҲЛАВИИ АШКОНИ

Дар солҳои 250 пеш аз мелод қавми портҳо, ки аз мардумони қадими форсу тоҷик буданд ба муқобили ҳукумати Юнону Бохтар дар ҳудуди Парфия сар бардоштанд. Сардори ин ҳаракат Аршак ном дошт, ки вай давлати Аршакиён ва ё Ашкониёнро ташкил дод. Давлати Юнону Бохтар рӯз аз рӯз заиф гашта давлати ашкониён бошад пурқувват шудан гирифт. Ашкониён ҳаракати худро ҳам ба тарафи шарқ ва ҳам ба тарафи ғарб васеъ кардан гирифтанд. Дар бораи адабиёт ва маданияти давраи ашкониён манбаъҳои таърихи маълумоти равшан намедиҳанд. Ҳамин қадар маълум аст, ки ашкониён барои баланд бардоштани маданияти миллии худ кӯшиш кардаанд,

аз тарафи дигар вакилони аристократияи он барои фарқ кунонидани худ аз мардуми одди дар зери таъсири маданияти Юнон меистоданд. Аз ин сабаб онҳо лақаби юнонпарастро гирифтаанд. Забони юнонӣ, маданияти вай дар байни аристократияи ашкониён муддати дуру дарозе таъсири худро нигоҳ дошт. Рафта-рафта алоқа бо Юнон канда шуд ва аз аввалҳои асри мелоди сар карда забони юнонӣ аз байн бардошта мешавад. Забони портҳо, ки портави ёки парфиёнӣ ном гирифта аст, чори мегардад. Ин забон ба қатори забонҳои форсии миёна дохил шуда, ба забони форси-дарии нав хеле наздик аст. Забони парфиёнӣ ёки паҳлавӣи хуросони бо мурури айём ба табаддулоти фонетики, лексики дучор шуда, баъд аз истилои араб дар процесси муборизаҳои хуросониён, балхиҳо, хоразмиён, суғдиҳо бо забони дари омехта шуда рафтааст.

Аз рӯи нақлҳо дар замони ашкониён навиштани асарҳои илми ва адаби ба ин забон авч гирифтааст ва доир ба таърих, адабиёт, панду ҳикмат, фалсафа китобҳои зиёде навишта шудааст. Адабиёти ба забони парфиёнӣ навишташудаи ин даврро адабиёти хуросони ёки адабиёти паҳлавӣи хуросони низ меноманд.

Аз намунаҳои барчастаи адабиёти ин давр достони «Дарахти ассури» ва «Ёдгори Зарирон»-ро номбар кардан мумкин аст.

## ДОСТОНИ «ДАРАХТИ АССУРИ»

Достони «Дарахти ассури ва буз» яке аз намунаҳои адабиёти хуросони буда, вай ба забони парфиёнӣ навишта шудааст. Ин асар дар давраи сосониён аз ҷиҳати забони таҳрир карда ва ба забони форсии миёна наздик кунонида шуда аст. Достон дар асоси эҷодиёти даҳонии халқ ба вуҷуд омада мундаричаи онро баҳсу мунозираи дарахти ассури (ошӯри) ва буз ташкил медиҳад. Аз ин нуқтаи назар асар яке аз намунаҳои қадимтарини асарҳои дар жанри мунозира навишташуда ҳисоб меёбад. Дар айни ҳол, дар асар ҳамчун қаҳрамони асоси дарахт ва буз тасвир ёфта, ғояи он ба воситаи ҳамин образҳо ифода ёфта аст. Аз ин рӯ вай масал аст. Вай дорои луғз низ мебошад, зеро аз тасвир аён

мешавад, ки сухан дар бораи дарахти хурмо меравад. Достон баҳси дарахти ошӯри ва бузро дар бораи он, ки кадоме аз онҳо беҳтар ва фоидаоваранд, тасвир менамояд. Мубоҳисаи байни онҳо хеле шавқовар ва бо юмор давом мекунад. Масалан, дарахт ба буз мегӯяд:

«Ман аз ту борҳо афзалтар ҳастам. ӯғур аз ман кунанд, ки дар он биринчу чав кӯбанд. Чорӯб аз ман кунанд, ки ба вай хонаю чой рӯбанд. Ман кафшам барои пойбараҳнагон. Чӯб аз ман кунанд, ки вай гардани ту «бӯсад». Мех аз ман кунанд, ки дар он туро сарнагун овезанд. Ман хошокам барои оташ, вақте ки туро дар сих кабоб мекунанд. Ман сояи тобистонаам бар сари ҳокимон...»

Баъд аз ин суханҳо буз ба дарахт чавоб медиҳад:

«Магар ман худбин ҳастам, монанди кӯдаки ҳароми? Ман аз ту болотарам, эй дарахти ошури... Чунинанд суханони заррини ман, ки бар ту мегӯям...Он кас донишманд аст, ки гӯши тез дорад...». Баъд буз дар бораи он ки аз шоҳ сар карда то ба паҳлавонону савдогарон, котибону камбағалон, барои ҳама зарур ва фоидаовар аст, сухан мекунад: «Ширу панир аз ман бошад, хуму машк аз ман кунанд, дар дашту биёбон дар рӯзҳои гарм об аз ман яхин асту хунук...»

Ҳамин тариқ, буз дар ҳама соҳа нисбат ба дарахт бартари доштани худро ва борҳо фоидаовар буданашро исбот мекунад. Дар асар дарахти ошури мағрур, сарбаланд тасвир ёфтааст. Вай даъво мекунад, ки сари тиллои дорад. Аз ин рӯ баъзе адабиётшиносон ақида доранд, ки дарахт намояндаи синфи болои буда, буз ки нисбат ба вай борҳо фоидаовар аст, намояндаи меҳнаткашон мебошад. Чунин хулоса асло дуруст нест. Дар асар масъалаи фоидаовар будан ба чамъият ва одамон ба миён гузошта мешавад ва ғояи вобаста набудани фоидаовари ба хурдию калони пеш ронда мешавад. Дар асар ҳамдарди ба камбағалон ва меҳнаткашон, ки ба асарҳои халқи хос аст, наздики бо ҳаёти реалии ҳаррӯза мушоҳида карда мешавад. Достон дорои вазн ва унсурҳои қофия аст. Аксарияти қофияҳо 8-10-15 ҳичои буда, тақтеъ (5Қ5қ10, 6Қ4қ10) доранд.

Мисол:

Дарахт ён руст ҳаст / тар о шаҳр осурик қ 10 (4Қ6)

Бун-аш хушк ҳаст / сар-аш ҳаст, тар!    қ 8  (4Қ4)

Решак над манет / бар-аш манет ангур   қ 11 (5Қ6)

Ширин бар абарет / мартоман (васнад)   қ 11 (6Қ5)

Маънояш:

Дарахте руста аст дар шаҳри Ошур,

Бунаш хушк ҳаст, сараш тар аст.

Решааш шакарқанд, бораш (меваааш) ангурмонанд,

Ширин бор оварад бар мардумон.

ёки:

Чоп ҳач ман каренд, ке то гартан маченд қ11

Расан ҳач ман карент, ке то пад банненд қ11

Маънояш:

Чӯб аз ман мекунанд, ки он гардани ту мебӯсад,

Ресмон аз ман мекунанд, ки бо он пойҳоят мебанданд.

## Достони «Ёдгори Зарирон»

Достони «Ёдгори Зарирон» аз намунаҳои қадимтарини достонҳои қаҳрамони дар адабиёти хаттӣ ҳисоб меёбад. Ин достон дар асоси эҷодиёти даҳонии халқ, дар заминаи достонҳои қаҳрамоние, ки дар эҷодиёти халқи ба вуҷуд омада буданд, пайдо шуда аст. Достони «Ёдгори Зарирон» низ ба забони парфиёнӣ навишта шудааст ва ба қатори ёдгориҳои адабиёти хуросони дохил мешавад. Ин достон дар давраи сосониён аз ҷиҳати забони таҳрир ёфта ба забони форсии миёна наздик кунонида шудааст. Олимон тахмин мекунанд, ки достони «Ёдгори Зарирон» як ҷузъи достоне мебошад, ки дар бораи корномаҳои Зарир пайдо шудааст. Сюжети достон чунин аст:

Подшоҳи хаёнитон Арҷасп ба шоҳи Эрон Виштасп нома фиристода аз вай талаб мекунад, ки аз дини зардуштӣ баргардад. Дар акси ҳол бо ӯ ҷанг хоҳад кард. Виштасп аз ин таҳдиди Арҷасп ба хавотир меояд. Бародари Виштасп Зарир ба элчиёни Арҷасп чавоб дода, таъкид мекунад, ки аз оини зардуштӣ баргаштан намехохад ва агар лозим ояд ба ҷанг тайёр аст. Дар байни ду

мамлакат ҷанги шадиде сар мешавад. Зарир дар ин ҷанг қаҳрамониҳои зиёде нишон дода лашкари бисёри душманро мағлуб месозад. Баъд Арҷасп ба муқобили Зарир Видорафша ном ҷодугареро мефиристад. Ин ҷодугар Зарирро бо ҳила мекушад ва аспи ӯро, ки рамзи номуси вай ҳисоб меёфт, ҳамроҳи худ гирифта меравад. Виштасп аз марги бародараш Зарир ба андеша меафтад ва паҳлавонҳоро ба ҷанг даъват мекунад. Дар ин ҳангом писари ҳоло ҷавони Зарир, ки Баствор ном дошт, аз Виштасп хоҳиш мекунад, ки ба ӯ иҷозат диҳад то ба майдони корзор бороад. Аммо Виштасп хоҳиши Бастворро рад менамояд. Бо вуҷуди ҳамин Баствор шабона ба муқобили лашкарони Арҷасп баромада, бо онҳо ҷанг карда, аспи падарашро ҳамроҳи худ гирифта меорад. Бо ҳамин вай шараф ва номуси падари худро ҳимоя мекунад. Дар ҷангҳои минбаъда лашкарони Арҷасп мағлуб мешаванд ва Виштасп ғалаба мекунад.

Чунонки аз сюжети достон равшан мешавад, дар он ғояи мубориза барои нигоҳ доштани дини зардуштӣ пеш ронда шудааст. Аз тарафи дигар бошад, дар достон шоҳон, паҳлавонон ва сарлашкарони эронӣ таърифу тавсиф карда мешаванд. Қатъи назар аз мазмуни ғоявии асар, ки ба ҳимоя ва дастгирии дини зардуштӣ нигаронида шудааст, достони «Ёдгори Зарирон» ҳамчун намунаи достонҳои қаҳрамони аз аҳамият холи нест. Зеро асоси сюжети он аз ҳикояҳои халқҳои эронзамин дар бораи қаҳрамонҳои халқии гузаштаи онҳо гирифта шудааст. Номи Баствор дар «Авасто» дар шакли Баставарай дучор мешавад. Дақиқи бошад, вайро дар шакли Наствор овардааст. Инчунин, номҳои Виштасп, Зарир, Арҷасп, Видорафша, ки дар «Авасто» мавҷуданд, ба «Шоҳнома» низ гузаштаанд. Сюжети ин достон асоси достони «Шоҳнома»-и Дақиқиро ташкил карда аст. Дақиқи номи Виштаспро дар шакли Гуштасп овардааст.

Дар «Ёдгори Зарирон» руҳияи фахр кардан бо кишвари худ, ки қаҳрамонҳои беназирро ба вуҷуд овардааст, инчунин ҳисси эҳтирому муҳаббат нисбат ба шахсони қаҳрамон дида мешавад. Достон аз тараққӣ ва инкишоф ёфтани шуури одамон гувоҳӣ медиҳад. Қаҳрамонҳои он на ба муқобили деву аждаҳои Аҳриман, балки ба муқобили ғоратгарон мубориза мебаранд, дар

ҷангҳо қаҳрамони нишон медиҳанд. Ҳар яке аз образҳои асар дорои характери ба худ хос мебошад.

Образи Виштасп дар достон образи мураккаб аст. Аксар вай афтодаруҳ мемонад, баъзан дар ҷаҳл ба ҷазоҳои ноҳақ даст дароз мекунад.

Образи Зарир – образи марказии достон аст. Вай соҳиби сабру тамкин ва иродаи қатъи аст. Баствор низ образи асоси мебошад. Вай ба ҷавонии худ нигоҳ накарда ҷасорат ва қаҳрамони нишон медиҳад, шарафи падари худро ҳимоя мекунад. Образҳои Арҷасп ва Видорафша аз образҳои манфии достон буда, онҳо дар худ қувваҳои бадиро таҷассум мекунанд.

Хулоса, достон яке аз намунаҳои аввалини эпоси қаҳрамони буда, вай ба равнақи минбаъдаи ин навъ достонҳо таъсири калоне дорад. Дар он унсурҳои эҷодиёти бадеии халқ кам нестанд. Сюжети асар бо фолклор алоқаманд аст, вай як ҷузъи достони «Зарирнома»-и халқӣ аст. Достон дорои вазн ва унсурҳои қофия буда, бештарини мисраъҳо 11-12 ҳиҷоиянд.

Достони «Ёдгории Зарирон» аз тараққиёти достонҳои эпикӣ дар адабиёти хаттӣ гувоҳӣ медиҳад.

<u>Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯъ:</u>

1. Ҳаёти сиёси-чаиятӣ, илми ва мадани дар давраи сосониён чи навъ буданд?
2. Дар бораи забон ва адабиёти ин давра маълумот диҳед.
3. Достони «Дарахти ассури» ва хусусиятҳои жанрию ғоявии онро баён кунед.
4. Достони «Ёдгории Зарирон»-ро ҳамчун намунаи барчастаи достонҳои қаҳрамони шарҳ диҳед

<u>Супоришот барои машғулоти мустақилона:</u>

1. Адабиётҳои нишон додашударо мутолиа кунед.
2. Мазмуни адабиёти рақами 4 ва 5-ро ба дафтаратон нависед

3. Аз рӯи «Мулҳақот» матни достони «Дарахти асссури»-ро мутолиа карда, мазмуни онро ба дафтар нависед.

4. Аз муколамаи Дарахт ва Буз 20 байт аз ёд кунед.

Адабиётҳо:

1. Баргинский И.С. Из парфянской (хорасанской) литературӯ. Дар китоби «Из истории персидской и таджикской литератур». Москва. 1972.

2. Брагинский И.С. Ираноязӯчнӯе литературӯ в раннем средневнковье. Дар китоби «Иранское литературное наследие».Москва, 1984, саҳ. 93-115

3. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 (1), саҳ.72-81.

4. ЭАСТ. Моддаи «Дарахти ассури», ч.1, саҳ.485.

5. ЭСТ. Моддаи «Ашкониён»,ч.1, саҳ.320; «Ёдгори Зарирон»,ч.2, саҳ.376; «Дарахти ассури», ч.2, саҳ.226.

## Адабиёт ва маданияти давраи сосониён

Накша:

1. Таърихи сари ҳокимият омадани сулолаи сосониён ва вазъи сиёсию ҷамъиятӣи давр.
2. Забон, адабиёт ва санъати давраи сосониён. Борбад ва фаъолияти ромишгарии ӯ.
3. Нуфузи дини зардуштӣ дар аҳди сосониён ва динҳои дигари ин давра.
4. Осори адабии давраи сосониён ва хусусиятҳои асосии онҳо.

Калима ва ибораҳои такягоҳ

Давлати Сосониён. Ардашери Бобакон. Забони паҳлавӣ. Хусрави Анушервон. Хусрави Парвиз. Борбад. Монӣ ва адабиёти Монӣявӣ. Маздак ва таълимоти ӯ. Барзу ва тарҷумаи «Калила ва Димна» аз санскрит ба паҳлавӣ. Ибн ал Муқаффаъ. Меноги хирад, Бундоҳиш, Денкарт, Андарзи Хусрави Анушервон. Худойнома.

Давлати сосониён дар харобаҳои давлати ашкониёни Парфия ба вуҷуд омада, аз соли 224 то соли 651 давом кардааст. Асосгузори давлати сосониён Ардашери Бобакон ном шахс буд. Ба миён омадани давлати сосониён ба табаддулотҳои ҷиддӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ сабаб гашт. Бо тараққиёти муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ҳаёти ичтимои пеш рафт, соҳаҳои гуногуни хоҷаги тараққӣ кард. Давраи аз ҳама тараққикардаи мамлакат ба давраи ҳукмронии Хусрави I (асри У1) рост меояд, ки вай лақаби Анӯшервонро дорад. Ҳукумати сосониён дар давраи ҳукмронии Яздугирди III соли 551 аз тарафи арабҳо барҳам дода шуд.

Дар давраи сосониён тараққиёти маориф, маданият, санъат ва адабиёт мушоҳида карда мешавад. Ба тараққиёти соҳаҳои гуногуни маданияти давраи сосониён ба ғайр аз эрониҳои ғарби (форсҳо) намояндагони халқҳои Осиёи Марказӣ низ ҳиссаи худро ҳамроҳ кардаанд. Аз намунаҳои баланди санъати архитектура, ҳайкалтарошӣ ва ҳунармандии давраи сосониён харобаҳои қасрҳо, ашёҳои бадеӣ, матоъҳои аз шоҳи бофташуда ва ғайра шаҳодат медиҳанд.

Забони асосии ин давра паҳлавӣ буд, ки он ба гурӯҳи забонҳои миёнаи эронӣ дохил мешавад. Инчунин, забонҳои парфиёнӣ ва юнонӣ низ мавқеи муайян доштанд, ки навиштаҷотҳои рӯисангии шоҳони сосонӣ ба ин забонҳо тарҷима карда шуда буданд.

Осори хаттии ин давра дар шакли навиштаҷотҳои рӯисанги, девори бинои сангин, рӯи тангаю зарфҳо, чӯбу пӯстҳо то ба мо расидаанд.

Давлати сосониён давлати ғуломдорӣ буда, маҳз дар ҳамин давра ҷамъияти ғуломдорӣ ба ҳалокат рӯ оварда, мавқеи синфи нав – синфи феодалҳо дар ҷамъият зиёд мешавад ва гузаштан ба давраи феодалӣ оғоз меёбад. Дар давраи сосониён дини зардуштӣ ҳамчун дини расмии давлати эълон мешавад ва нуфузи он зиёд мегардад. Худи Ардашер барои нигоҳ доштани давлат зарур будани динро дарк карда фармон дод, ки мӯъбадонро ҷамъ кунанд.

Маҳз дар ҳамин давра «Авасто» аз нав барқарор карда ва ба забони паҳлавӣ тарҷима карда шуд.

Дар замони Сосониён зумраи машҳури ромишгарон, сарояндагон, бастакорон ва раққосони барҷаста ба саҳна омаданд. Дар миёни ин ахтарони ҳунар Борбади Марвазӣ аз шимоли Хуросон ахтари тобонтарини санъати халқҳои эронинажод мебошад. Бино ба баъзе маълумотҳои Олимон ва муаррихони асримиёнаги ӯ дар соли 588 дар шаҳри Марв (Марии ҳозираи Туркманистон) ба дунё омадааст. Борбад дар навохтани барбат ва сарояндаги набиғаи давр ба шумор мерафт. Ӯ ба дарбори Хусрави Парвиз даъват шуда, созандагону ҳофизони дарборро сарварӣ намудааст. Санъаткорони номии давраи Сосониён Накисои Ҷанги, Бомшод, Ромтин, Озодвари Ҷанги, Саркаб ва Саркаш нозукиҳои санъати мусиқиро аз Борбад омӯхтаанд. Борбад шоири соҳибтаб низ буда, ихтирои шеърҳои ҳиҷоии ин давраро ба ӯ нисбат медиҳанд. Вай муаллифи аввалин силсилаи сурудҳои «Хусравониёт» мебошад, ки ба Хусрави Парвиз бахшидааст.

Борбад 365 тарона ва оҳанг эҷод кардааст. Онҳо аз 12 давра иборат буда, ҳар давра мувофиқи шумораи рӯзи моҳ ба 30 тақсим мешуд.

Номгӯи баъзе аз оҳангҳои Борбад то замони мо расидаанд, ки онҳо «Яздон офарид», «Сабздори сабз», «Сабз андар сабз», «Кини Эраҷ», «Кини Сиёвуш», «Боғи Шаҳриёр», «Шабдиз» ва ғайраанд.

Баъзе аз лаҳнҳои офаридаи Борбад дар таркиби «Дувоздаҳмақом», «Шашмақом» дохил шудаанд.

Чанд сол қабл дар Тоҷикистон чашни 1400 солагии зодрӯзи ин ромишгари бузург хеле мутантан ҷашн гирифта шуд, ки ҳамчун меҳри беинтиҳо бузурги халқи тоҷик нисбати мероси ниёгонаш дар таърих сабт гашт.

Бояд қайд кард, ки дар давраи ҳукмронии сосониён оини христиани, мазҳаби Монӣ ва таълимоти Маздак низ мавҷуд буд, дар расму ақидаҳои дини онҳо аз ҳамдигар фарқ доштанд ва бо ҳам мубориза мебурданд. Яке аз ақидаҳои динии дар ҳамин давра ба вуҷуд омада ва бисёр васеъ паҳншуда таълимоти Монӣ буд.

## Адабиёти Мониявӣ

Монӣ яке аз мутафаккирони асри III аст. Вай дар оилаи давлатманде ба дунё омада, модараш аз авлоди ашкониёни Парфия буда аст. Вай аз ҷавонӣ ба омӯхтани илмҳои даврааш ва махсусан ақидаҳои динӣ машғул мешавад. Монӣ оҳиста-оҳиста таълимоти динии худро ба вуҷуд меоварад, пас ба тарғиби он ба сафари Ҳиндустон мебарояд. Соли 242 баъди сафари Ҳиндустон дар вақти ҳукмронии Шопури I ба шаҳри қадимаи Эрон – Ктесифон меояд. Аз ҳамин ҳангом сар карда, Монӣ ба тарғиб кардани ақидаҳои худ сар мекунад. Подшоҳ Шопури I ба Монӣ имконият медиҳад, ки таълимоти худро тарғиб кунад. Монӣ бахшида ба Шопур «Шопуракон» ном асар навишта аст. Тарғиби ақидаҳои Монӣ дар мамлакат бо муваффақият давом мекунад. Дини Монӣ дар Сурия, Эрон, Осиёи Марказӣ ва қисман Хитой паҳн мешавад. Дар ақидаи Монӣ низ дуализм мавҷуд буда, асоси онро ҳам муборизаи ду қувваи ба ҳам муқобил – қувваҳои некӣ ва бадӣ ташкил менамояд. Монӣ таълим медиҳад, ки дар ин дунё торикӣ ва равшанӣ мавҷуд аст, некӣ ва бадӣ вуҷуд дорад. Ҷавҳари илоҳӣ дар равшани аст, вай асли зиндагӣ ҳисоб меёбад. Ҳамин рӯшноӣ дар дунё асири торикӣ гардида ва дар азоби банду баст аст. Монӣ таълим медиҳад, ки инсон барои руҳи рӯшноиро аз асорати торикӣ халос кардан бояд мубориза барад. Барои ин бошад ӯро лозим аст, ки аз кор ва ҳаракатҳои нодуруст даст кашад, бо роҳи нек равад. Дар таълимоти Монӣ дурӯғгӯӣ, хасисӣ, қотилӣ, ҷинояткорӣ, дуздӣ, дурӯягӣ манъ карда шудааст. Масалан, тарафдорони Монӣ куштани ҳайвон ва инсонро тамоман манъ мекарданд.

Таълимоти Монӣ, ҳамчун таълимоти динӣ ҷиҳатҳои пешқадам дорад. Вай одамонро ба парҳезкорӣ, ҳамҷиҳатӣ ва ҳамкорӣ кардан даъват мекунад. Ҳатто Монипарастони «хос» ба никоҳ намедаромаданд, гӯшт намехӯрданд, зиёда аз тӯъмаи якрӯза ва либоси яксола чизи дигаре надоштанд.

Таълимоти Монӣ бо асоси худ ба муқобили зулм ва золими нигаронида шуда буд. Ҳукуматдорони сосонӣ дар ибтидо моҳияти зиддидавлатӣ ва зидди

ҳукуматӣ доштани таълимоти Мониро дарк накарда буданд. Аз ҳамин сабаб онҳо ба паҳншавии ин таълимот имконият доданд. Лекин онҳо дертар фаҳмиданд, ки таълимоти Монӣ бо моҳияти асосии худ бар зидди зулм ва ҳокимияту давлати золим нигаронида шудааст. Пас онҳо ба муқобили Монӣ ва таълимоти ӯ мубориза сар карданд. Соли 275 Мониро ба зиндон андохтанд ва дар давраи подшоҳии Баҳроми I ба қатл расониданд, асарҳои ӯро нобуд карданд.

Дини Монӣ таълимоти динӣ ва идеалистӣ буда, бисёр ҷиҳатҳои барои даврааш мусбатро дар бар мекард. Аз ин сабаб дини Монӣ дар таърихи афкори мардумони форсу тоҷик роли муҳим мебозад ва вай ба паҳншавии таълимоти Маздак дар охирҳои асри У ва аввалҳои асри У1 таъсир мерасонад.

Монӣ бо баробари шахси олим ва мутафаккир будан, дар айни замон чун санъаткор низ шӯҳрат дорад. Дар асарҳои адабиёти классикии мо номи Монӣ ҳамчун рамзи хаттотӣ ва рассомӣ машҳур аст. Агар хушхатии касеро қайд кардани бошанд, вайро Мониқалам меномиданд. Монӣ ва тарфдорони ӯ асарҳои худ ва ибодатгоҳҳояшонро бо нақшу нигор ва суратҳои зебо ороиш медоданд. Яке аз асарҳои хеле хуб ороишёфтаи Монӣ китоби «Аржанг» буд. Шоираи асри Х Робиаи Балхи рангорангии табиатро дар айёми баҳор ба «Аржанг»-и Монӣ монанд карда навишта буд:

Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,

Чаман ранги «Аржанг»-и Моно гирифт.

Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома» дар бораи Монӣ нақл мекунад. Аз рӯи тасвири Фирдавсӣ Монӣ гӯё аз Чин буда, дар рассомию наққошӣ амсол надошта аст:

Биёмад яке мард гӯё зи Чин,

Ки чун ӯ мусаввир набинад замин.

Сабаби дар адабиёти классикии мо ҳамчун рассоми Чин тасвир ёфтани Монӣ мумкин аст дар он бошад, ки вай якчанд бор ба Чин рафта аст ва ё аз он сабаб аст, ки дар ин давра санъати тасвирии Хитои (Чин) хеле ривоҷ ёфта буд.

Монӣ ва тарафдорони ӯ адабиёти бое офаридаанд, ки намунаи он аз вилоятҳои Турфон ва Синцяни Хитой ва Миср дастрас шудаанд. Онҳо ба забонҳои эронӣ, туркӣ ва хитоӣ навишта шудаанд. Баъзе аз намунаҳои ба забонҳои эронӣ – суғдӣ, парфиёнӣ навишташудаи он ба мо маълум мебошад, ки онҳо мазмунҳои дини доранд. Баъзе аз намунаҳои адабиёти Монияви, ки ба забонҳои миёнаи эронӣ таълиф ёфтаанд, шакли шеъриро доро буда, сурудҳои халқии мардумони форсу тоҷикро ба хотир меоранд. Масалан, И.С.Брагинскии дар китоби худ «Аз таърихи назми халқии тоҷик» тарҷимаи тоҷикии яке аз порчаҳои адабиёти Мониявиро овардааст:

Хуршеди равшану маҳи барозанда
Рӯшнои диҳанду барозандагӣ кунанд аз
танаи он дарахт.
Мурғони бомдоди ноз кунанд аз рӯи шодӣ,
Ноз кунанд кабӯтарону товусони ҳама (ранг)
Суруд гӯянду овоз кунанд... канизакон.

Порчаҳои суғдии адабиёти Мониявӣ сюжетҳои тамсилии адабиёти ҳиндиро низ дар бар мегиранд, ки масали «Рӯбоҳ ва маймун» ёки ҳикояти «Се моҳи» аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Инчунин, масали «Савдогар ва суфтагари марворид», ки дар адабиёти Мониявии суғдӣ оварда мешавад, бо «Калила ва Димна» вобастагӣ дорад.

Аз ин маълум мешавад, ки руҳониёни Мониявӣ ҳикоят ва масалҳои адабиёти ҳиндро низ барои ифодаи афкори худ истифода кардаанд.

*Маздак ва таълимоти ӯ* Таълимоти Маздак ҳам дар таърихи халқҳои Хуросону Мовароуннаҳр яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Таълимоти Маздак низ дар давраи ҳукмронии сосониён ба вуҷуд омад ва барои пайдоиши он таъсири таълимоти Монӣ кам набуд. Ин таълимот дар чунин як шароите пайдо шуд, ки дар он давра роли заминдорон, саркардагони ҳарбӣ зиёд шуда, қисми асосии боигарӣ ба дасти онҳо ҷамъ мешуд. Аз тарафи дигар қисми зиёди аҳолии меҳнаткаш хонахароб мегардид. Дар натиҷа мубориза дар байни камбағалон ва бойҳо вусъат ёфта, ақидаи барҳам додани моликияти хусусиро

ба миён овард. Маздак ҳамчун сардори ин ҳаракат ва ҳимояткунандаи манфиатҳои камбағал ва ҳамчун асосгузори ақидаи баробари дар байни аҳли ҷамъият ба майдон омад. Шиори асосии Маздак «Нест бод моликияти хусусӣ!» буд. Маздак дар таълимоти худ барҳамдиҳии нобаробарии иқтисодӣ ва иҷтимоиро тарғиб карда, умуми кардани моликияти хусусӣ, барбод додани ҳокимияти аристократиро талаб мекард. Азбаски аҳолӣ дар зери зулм хонахароб гардида буд, таълимоти Маздакро тарафдори кард. Дар натиҷа, ҳаракати Маздак ба як ҳаракати зиддифеодалӣ ва моликияти хусуси табдил ёфт.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ ба Маздак ва ақидаҳои ӯ бо ҳусни таваҷҷӯҳ нигариста навишта буд:

Биёмад яке мард Маздак ба ном,
Сухангӯю бодонишу рою ком.
Ҳаме гуфт: ҳар к-ӯ тавонгар бувад,
Тиҳидаст ба ӯ баробар бувад.
Набояд бошад, ки ком ба фузуд,
Тавонгар бувад тору дарвеш пуд.

Таълимоти Маздак ба тези паҳн шуда синфи ҳукмронро ба воҳима андохт, зеро пайравони таълимоти Маздак ба гуфтаи ӯ амал карда гурӯҳ-гурӯҳ ба хонаҳои давлатмандон ҳуҷум оварда ғаллаҳои онҳоро кашида мегирифтанд ва дар байни худ тақсим мекарданд.

Давлатмандон ва ҳатто подшоҳи он вақтаи сосонӣ Қубод маҷбур шуд, ки таълимоти Маздакро тарафдори кунад. Вале Қубод оҳиста-оҳиста аз Маздак ва таълимоти ӯ дур шудан мегирад. Соли 531 писари Қубод Хусрави I ба тахт менишинад. Вай аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданаш ба муқобили маздакиён муборизаи оштинопазир мебарад. Маздак бо ҳамроҳони наздикаш дастгир карда ва ба дор кашида мешавад. Бо ҳамин ҳаракати Маздак ва тарафдорони ӯ барҳам мехӯрад. Пас, Хусрави I, ки лақаби Анушервон гирифта аст, дар корҳои идораи давлати ислоҳот ва тағйирот медарорад. Ҳамаи ин тадбирҳои ӯ иқтидори давлати сосониёнро хеле зиёд мекунанд.

тттттттттттттттттттттоооооооооооооооооооооооооооооооооооо

## Осори адабии давраи сосониён

Дар давраи сосониён дар ҳаёти мадани, адаби тараққиёти зиёде рух медиҳад, илму фан равнақ меёбад. Олимонӣ гуногун ба Эрон омада мубоҳисаҳои илми мегузаронанд. Чанде аз онҳо бо тарҷума кардани асарҳои илми ба забони паҳлавӣ машғул мешаванд. Масалан, онҳо бештар асарҳои доир ба тиб ва фалсафаро аз юнонӣ, асарҳои панду ахлоқиро аз ҳинди тарҷума мекунанд. Тарҷумаи «Калила ва Димна» ҳам аз ҳиндии қадим ба забони паҳлавӣ дар ҳамин давра воқеъ шудааст. Табиби дарбори Хусрави Анӯшервон Барзу ба мақсади ба даст даровардани ин китоб ба Ҳиндустон рафта, забони ҳиндии қадима, урфу одат ва дини онҳоро қабул карда, ба воситаи онҳо ба дарбор роҳ ёфта, китоби «Калила ва Димна»-ро ба даст медарорад ва онро аз санскрит ба паҳлавӣ тарҷума мекунад. Дертар, ин асар дар асри VIII аз тарафи Ибн-ал-Муқаффаъ ба забони араби тарҷума шуда сайри таърихии худро сар мекунад. Дар давраи сосонӣҳо асарҳои зиёде офарида шудаанд, ки онҳо аз ҷиҳати мазмун ва мундаричаи худ хеле гуногун буданд. Асарҳои аҳамияти дини, дидактики дошта, асарҳои дунёвию қаҳрамони аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Азбаски дар давраи сосониён дини зардуштӣ мавқеи ҳукмрон дошт, маданият ва адабиёти ин давра ҳам дар таҳти таъсир ва нуфузи ин дин давом мекард. Аз ин рӯ дар ин давра, чунон ки қайд шуд, китоби «Авасто» аз нав барқарор карда ва ба паҳлавӣ тарҷума карда шуд. Инчунин, дар ин давра як қатор асарҳои дини офарида шуданд, ки онҳо маҷмӯи қоидаҳои динии зардуштӣро дар бар мегирифтанд. «Меноги хирад», «Бундоҳиш» ва «Динкард» аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар «Бундоҳиш» тасаввуроти мифологии халқҳои эронӣ, ки дар давраҳои гуногун ба майдон омада аксар ба якдигар муқобил меомаданд, дар асоси талаботи дини зардуштӣ аз нав таҳрир карда шуданд. Аз ин сабаб ин асар ҳамчун манбаи муҳим барои омӯхтани эҷодиёти мифологии қавму қабилаҳои эронӣ хизмат карда метавонад.

«Меноги хирад» ақидаи этикии таълимоти динии зардуштӣро дар бар мегирад. Вай роҳи ҳақиқии халос кардани руҳро талқин менамояд.

«Динкард» бошад, маҷмӯи ақида, анъана ва таърихи дини зардуштӣро дарбар гирифта, мақсади намоиш додани бартарии дини зардуштӣро аз ақидаҳои динии дигар (христиани, Монӣяви)-ро доро мебошад.

Ин ҳар се асар, қатъи назар аз тафовутҳояшон, як дараҷа бо «Авасто» робитае дошта, дар онҳо омехташавии элементҳои илмӣ, динӣ, ахлоқӣ ва жанрҳои гуногун мушоҳида мешаванд.

Як қисми адабиёти давраи сосониёнро асарҳои бадеии назмию насри ташкил менамоянд. Яке аз асарҳои насрии ин давр, ки ба насри ривояти тааллуқ дорад, «Ардаван Вирафнома» мебошад. Ин асар ба мақсади намоиш додани он, ки дини зардуштӣ ягона дини ҳақиқи аст ва мубориза кардан ба муқобили он касоне, ки ба ин дин шак меоваранд, навишта шудааст. Дар он ҳикоя карда мешавад, ки одамон баъди истилои Искандар ба ақидаи зардуштӣ нобоварона назар мекунанд. Ба мақади фаҳмидани ҳақиқати ҳол Вираф ном шахс мадҳуш карда мешавад ва руҳи ӯ ба он дунё сайр карда мебинад, ки касони дини зардуштӣро эътиқод дошта дар роҳатанду баръакс касони ба он шубҳадошта дар азоби Аҳриманананд. Баъди ҳафт шабонарӯз Вираф ба ҳуш омада чизҳои дидагиашро ба одамон нақл мекунад. Маълум мешавад, ки асар барои ҳимоя ва паҳн кардани дини зардуштӣ офарида шудааст. Асар аз тараққиёти наср, пешрафти эҷодиёти хаттӣи мардумони эронӣ далолат медиҳад.

Ба гурӯҳи асарҳои ривоятии аҳамияти дунёви дошта «Корномаи Ардашери Бобакон»-ро дохил кардан мумкин аст. Ин асар таърихи ба сари ҳокимият омадани Ардашери Бобаконро ҳикоя мекунад. Дар он тасвир карда мешавад, ки баъди вафоти Искандар дар Эрон бисёр ҳукуматҳои майдаи феодали ба майдон омаданд. Исфаҳон, Порс ва атрофи он ба ихтиёри Ардаван буд. Бобак аз тарафи Ардаван ҳокими Порс таъин шуда буд. Бобак фарзанди меросхӯр надошт. Сосон чӯпони Бобак буда, аз авлоди Доро-Дороён буд. Аммо аз ин авлод будани Бобакро Сосон намедонист. Рӯзе аз рӯзҳо Бобак дар

хобаш мебинад, ки дар болои сари Сосон офтоб баромада ва бо нури худ оламро мунаввар мекунад. Инчунин, Сосон дар болои фили сафед нишаста асту одамон дар атрофи ӯ ҷамъ омада дар ҳаққи вай суруд мехонанд. Аз оянддаи Сосон Бобак огаҳ шуда, ӯро ба духтари худ хонадор мекунад. Аз ин никоҳ Ардашер таваллуд мешавад. Вай аз ҷавони санъатҳои ҳарбиро аз худ карда, ба дарачаи шоҳи мерасад. Асар моҳиятан ба мақсади мустаҳкам кардани ҳокимияти сосониён нигаронида шудааст. Ин асар ҳамчун намунаи барчастаи асари бадеи аҳамиятнок аст. Дар он сюжети ягонаи қатъи, элементҳои фантастики, бофтаи бадеи баръалоина намудор аст.

Дар ин давра як қатор асарҳои насрие офарида шуданд, ки аҳамияти тарбияви-ахлоқи доштанд. Аз ҷумлаи ин навъ асарҳо «Андарзи Хусрави Анӯшервон»-ро номбар кардан мумкин аст. Ин асар бо супориши Хусрави Анӯшервон аз тарафи вазири ӯ Бузургмеҳр тартиб дода шуда аст. Инчунин, ба қатори ин гуна асарҳо «Оиннома»-ҳоро дохил кардан мумкин аст, ки дар онҳо давлатдории ҳокимону подшоҳон баён ёфта, маслиҳатҳои муфидро дар бар мегирифт.

Яке аз муваффақиятҳои адабиёти хаттӣи давраи сосониён ба майдон омадани маҷмӯи ривоятҳои эпики ва таърихи аст, ки онҳо бо номи «Худойнома» шӯҳрат доранд. Ҳоло дар давраи Хусрави I маҷмӯи солномаҳо пайдо шуданд, ки дар онҳо миф ва ривоятҳои қадима доир ба подшоҳони эронзамин аз Каюмарс сар карда ба тартиби муайян дароварда шуда буданд. Дертар онҳо аз нав кор карда шуда, бо номи «Худойнома» шӯҳрат ёфтанд. Дар онҳо таърихи подшоҳони Эронӣ аз Каюмарс сар карда то подшоҳи охирини онҳо баён карда мешавад. Нусхаи аслии «Худойнома» то ба мо омада нарасидааст. Онҳо ҳанӯз дар солҳои аввали истилои араб мавҷуд буданд ва ба забони араби тарҷима шудаанд. Тарҷумаи пурра ва ба асл наздики он ба қалами тарчуМонӣ машҳур Ибн–ал Муқаффаъ мансуб мебошад. Мазмуни «Худойнома»-ҳо дар як қатор асарҳои таърихи низ баён карда шудаанд. «Худойнома» барои ба майдон омадани «Шоҳнома»-ҳо ҳамчун манбаи асоси хизмат карда аст.

Ҳамин тариқ, дар давраи сосониён болоравии санъат, адабиёт ва маданият мушоҳида карда мешавад.

Саволҳо барои мустаҳкам кардани мавзӯъ:

1. Ҳолати сиёси-ҷамъиятӣ ва мадании давраи сосониён.
2. Борбади Марвази ва фаоълияти ӯ.
3. Динҳои асосии давраи Сосониён ва осори динии давра.
4. Осори адабии давраи сосониён ва жанрҳои он.
5. Аҳамияти адабиёти паҳлавӣи сосонӣ.

Супоришот барои машғулотҳои мустақилона:

1. Мутолиа кардани адабиётҳо аз рӯи мавзӯъ.
2. Конспект кардани адабиёти рақами 4,6,7.
3. Аз ёд кардани порчаи шеърии «Хуршеди равшану…» ва порча аз «Шоҳнома» оиди Маздак.
4. Мутолиа ва конспект кардани маълумотҳои «Корномаи Ардашери Бобакон», «Бундаҳиш», «Динкард», «Минуи хирад» аз қисми «Мулҳақот»
5. Аз ёд кардани намунаҳо аз «Андарзи Хусрави Қубодон» аз қисми «Мулҳақот»

Адабиётҳо:


1. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1(1), саҳ.81-102.
2. Луконин В.Г. Культура сасанидского Ирана. Москва, ГВЛ, 1969.
3. Никита В.Б, Паевская Е. В. Литература древнего Востока. Москва, 1962, саҳ. 115-208
4. Маҳдиев С. Назаре ба адабиёти паҳлавй. Садои Шарқ, 1985, Номер 3.
5. Ориёнур А. Рӯзгори Борбади ромишгар. Душанбе, 1989.
6. ЭСТ. Моддаи «Давлати Сосониён», ч.1, саҳ.201-202; «Ардивирафнома», ч.1, саҳ.226-227; «Худойнома», ч.8, саҳ. 35.

7. ЭАСТ. Моддаи «Адабиёти паҳлавӣ», ч.1, саҳ.405-404; «Андарзи Озарбоди Меҳраспандон», ч.1 саҳ.155; «Андарзнома», ч.1, саҳ.155-156; «Корномаи Ардашери Бобакон», ч.2, саҳ.63; «Пандномаи Бузургмеҳр», ч.2, саҳ.524-525; «Пандномаи Зардушт», ч.2, саҳ.525.

## Хулоса

Аз гуфтаҳои болои бармеояд, ки тоҷикон яке аз халқҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ буда, дар тайи тараққиёти худ маданияти бои моддӣ ва маънавӣ офаридаанд. Маданияти онҳо, асосан дар ҳудуди Суғдиёна ва Бухтария ибтидо ёфта, дар якҷояги бо маданияти халқҳои дигар ба рушду камол расидааст.

Як ҷузъи асосии маданияти маънавии мардуми тоҷикро адабиёти он ташкил менамояд. Ин адабиёт дар давраҳои хеле қадим ба майдон омада, муддатҳои дуру дарозе дар шакли адабиёти шифоҳи арзи вуҷуд намудааст. Сурудҳо, асотир, ривоят ва достонҳо намунаҳои назарраси адабиёти шифоҳии давраи қадим буданд, ки дар шароити гуногуни ичтимоӣ – иқтисоди ба вуҷуд омада, ҷиҳатҳои муҳими ҳаёт ва тафаккури мардумони гузаштаи дурро дар худ мунъакис намудаанд.

Бо пайдоиши хат ва алифбо адабиёти хаттӣ низ ба майдон меояд.

Адабиёти шифоҳи ва хаттӣи қадима хусусияти синкретикиро доро буда, дар онҳо афкори динӣ, илмӣ, фалсафӣ, этики ва эстетикии мардум аз ҷониби гӯянда ва нависандагон ба тарзи бадеи инъикос ёфта буд. Образноки ва истифодаи воситаҳои тасвири бадеи хоси ин адабиёт аст.

Адабиёти қадим роҳи пурпечутоби тараққиётро тай карда, чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мазмун ба тадриҷ ривоҷу равнақ ёфтааст. Осори ба мо боқимонда гувоҳи медиҳад, ки гузаштагони мо мероси бои лирикӣ ва эпикӣ офарида ин навъҳои адабиро ба арсаи вуҷуд овардаанд. Дар осори лирикӣ бештар худоҳои мифологӣ ва маъбудаҳои он ситоиш ёбад, дар достонҳои қаҳрамонӣ, ки яке аз жанрҳои асосии адабиёти пешина буд, корнамоиҳои паҳлавонони халқи васф карда мешуданд.

Дар адабиёти қадима дар қатори эпосҳои қаҳрамони достонҳои ишқи-романтики низ вуҷуд доштаанд. Фирдавсӣ дар оғози достони «Бежан ва Манижа», Фахриддини Гургони дар «Вис ва Ромин» қайд кардаанд, ки ин асарҳо дар заминаи адабиёти паҳлавӣ иншо шудаанд. Осори назмии гузаштагони мо вазн (ҳиҷои) ва унсурҳои қофияро доро мебошанд.

Жанри мунозира ва тамсил (масал), ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик мавқеи калоне пайдо кардааст, низ бо адабиёти қадима пайвастагии амиқе дошт. Осори насрии характери панду ахлоқи, хамоси ва таърихи дошта ҳам, ки алалхусус дар аҳди сосониён ривочу равнақ ёфта буд, аз решаҳои қадима доштани адабиёти насрии форсу тоҷик гувоҳи медиҳад.

Ҳамин тариқ, адабиёти қадима аз ҷиҳати мазмун, бадеият ва хусусиятҳои жанри дорои комёбиҳои назаррас буда, дар ташаккул ва тараққиёти адабиёти классики таъсири амиқе расонидааст.

***Мулҳақот***

Намунаҳо аз «Готҳо»-и «Авасто»

*(Тарҷима ва тафсири Ҳошими Рази)*

**ЯСНО.ҲОТИ 45**

Эй касоне, ки аз роҳҳои дуру наздик барои дарёфтани омӯзишҳоям гирд омадаед, инак гӯш фаро диҳед, аз рӯйи андеша ба жарфо[1] бингаред, ӯст Аҳурамаздо, худованди чону хирад, худованди бузургу беҳамто. Ҳар гоҳ аз рӯйи хирад ва бо дидаи дил бингаред, ҳамасон дархоҳед ёфт, ки ӯ ҳама чо ошкору ҳувайдост. Инак, эй мардумон, парҳезатон медиҳам аз он ки мабодо он пешвоёни дурӯғин бо бадомӯзиҳошон гумроҳатон созанд ва зиндагии ростинро баройи шумо табоҳу олуда гардонанд.

Акнун мехоҳам дар бораи он ду гавҳаре сухан бигӯям, ки аз оғоз вуҷуд доштаанд, ду гавҳаре, ки яке пок асту он дигаре палид. Он як гавҳар, ки пок аст, ба он дигар, ки палид аст, гуфт, ки мо ҳеч гоҳ созгор нахоҳем буд, на дар андеша, на дар омӯзиш, на дар хосту ирода, на дар ойину гуфтору кирдор.

Инак мехоҳам аз он беҳтарин омӯзиши дини беҳи огоҳатон созам. Маздост, ки он чаҳони сармадиро биёфарид ва ин замини борварро, ки чунон духтари нексиришти ӯст, Маздост, ки борзигаронро ҳамчун падаре меҳрубон аст, Маздост, ки аз ҳама чиз огоҳ аст ва ӯро натавон фирефтан.

Аз Маздо Аҳуро дарёфтам, ки баргузидаи ӯ ҳастам ва дарёфтам, ки ононе, ки аз ман пайрави кунанд, онҳое ҳастанд, ки роҳи неки маздойиро баргузидаанд, роҳе, ки дар одами кунишу маниши нек бармеангезад ва инак кунишу[2] маниши[3] нек, инсонеро ба човидони ва расойи мерасонад...

Ононе, ки шеваи беҳи ва рости баргузинанд, дар ин чаҳон шодмону хурсанд ва дар он саройи човидони низ комёру бахтиёр хоҳанд буд. Ва ононе, ки пайрави аз дурӯғро гузинаш кунанд, ранчи зиёда хоҳанд бурд ва дар он чаҳони минуи комрониву шодМонӣ азашон дареғ хоҳад шуд ва ин аст хости Маздо Аҳуро, ки ҳукме равон хоҳад буд.

## Суруди 47

*(Шарҳ аз Рази)*

Дар суруди чиҳилу панч мулоҳиза шуд, ки Зардушт ҳангоми суханрони ва ташреҳи дину ақоидаш аз ду гавҳар ё минуйи азали ё тавъам ё ҳамзоди Йима сухан мегӯяд, ки яке нек аст ва яке бад. Чаҳон таорузи ин ду мебошад. Одами шарифу нижодаву[4] озод аст, ки ба ихтиёр яке аз ин ду роҳро баргузинад. Роҳи нек ва ашойи ба як зиндагии хубу матлуб мерасад ва роҳи баду дурӯғ ба ҳарчу марч ва нооромиву нокомёби мунтаҳи мешавад. Зартушт аз сӯи Аҳуро Маздо, худованди офаридгору беҳамто барангехта ва баргузида мешавад, то мардумонро ба дурусти ва роҳи неку пок раҳномойи кунад.

Ангра Манию – ба маънии маниши зишту нопок ёд шуда ва ҳамин Ангра Мину ба шакли Аҳриман ташхис ва ҳатто таҷассум пайдо кард... ва асли фалсафи ва чанбаи тавзеҳии фикри Зардушт дур шуд ва маншаи фикри санавиятро падид овард.

## ЯСНО.ҲОТИ 46

…Он пешвойи бадкор, он дурӯғзани бузург пайравони ойинро, росткоронро аз парваронидани замину чорпоён боз медорад. Ин касест, ки кирдораш табоҳаш хоҳад кард.

Ононе, ки ойин аз ман пазиранду пайрави кунанд, башоратшон бод, ки ба мӯчиби ин некиву роди аз беҳтарин зиндаги дар беҳтарин сарзаминҳо бархурдор шаванд ва ононе, ки роҳи душмани баргузинанд, бегумон дархури ситезачӯйи ва пайкор мебошанд. Эй Маздо, ману ҳамаи маздияснон бар онем, ки бо сурудҳойи ситойиш туро хушнуд созем.

***ЯСНО.ҲОТИ 48***

Эй Маздо, оё бархурдори аз он сарзамини минӯи (биҳишт-Хшатҳрауҳу) баҳраи ман хоҳад шуд? Эй Аҳуромаздо, аз он огоҳ соз, аз он саранчоми хуше, ки дар ойин барои ростигароёну некон муқаррар шудааст, ки мӯчиби некманиши ва ростворишон аз он баҳраманд мешаванд.

Оре, ин ошкор аст, ки саранчом дар саройи пасин дурӯғу дурӯғзан ҳикаст дида ва ростиву рострав пирӯз шаванд. Шикасти дурӯғзан поянда аст ва ростигароён, ки пӯёни роҳи туанд, эй Маздо, чи комёр хоҳанд буд.

Аммо миёнаи дурӯғзанон ва ростигароён ҳастанд касоне, ки кирдору гуфтору андешаашон гоҳ мутамойил ба рости ва замоне мутамойил ба дурӯғ аст ва бо ирода аз роҳи рости пайрави накарда ва худро бо тардид[5] ба ҳавасҳойи зишт ва ё неки супурдаанд, инон дар он саройи пасин на аз шумори некон хоҳанд буд ва на аз гурӯҳи бадон, балки аз онон бегона ва ба дур (нано) хоҳанд монд, чун эй Маздо, ин аст хости ту, ки бо доди комил баробар аст.

Эй Маздо, нигарони ояндаам, оё он гоҳ ки дар ойин омада, ростравон дурӯғпарастонро бархоҳанд андохт? Бегумон чуз ин нахоҳад буд, чун пояндагии чаҳон вобаста бо ин аст ва ин аст беҳтарин мужда барои чаҳониён.

Оре, ростиву неки пирӯзи хоҳад ёфт. Бар асари тимору[6] парвариши замин дорандаи киштзорҳойи саршор ва хонаҳойи осудаву зебо хоҳем шуд. Маздо-Аҳуро тавону ёримон хоҳад дод, то ба шеваи матлубе аз ин офариниш судчӯи кунем.

Эй Маздо, чи ҳангоме ин бадхоҳонро, ки оҳанги чони ман доранд, бархоҳи андохт? Чи ҳангоме ба он подошҳо ва баҳраҳое дар пирӯзи, ки баройи некон муқаррар аст, даст хоҳам ёфт? Эй Маздо, хостам он аст, ки аз инҳо огоҳи дошта бошам.

Кай, эй Маздо, мардум ба ойин шиносо мешаванд, кай ин майи палиди (Mada) мастибахшро бархоҳи андохт (кай ин бодапаймои фаромӯш хоҳад шуд), ки ба мӯчиби он Карпанҳо ва фармонфармоёни бедодгари кишварҳо дар бади часурсар мешаванд?

Кай, эй Маздо, ростиву неки ва сарзамини ободи киштшуда бо хонаҳойи зебо ва хонаҳойи комёр барои мо ба бор хоҳад омад? Кучоянд ононе, ки партави рости вуҷудашонро фаро гирифта, ки бо нерӯманди баробари девяснони киначӯ истодаги кунанд? Ва дар воқеъ, эй Маздо, инчунин касонанд раҳонандагон, сушёнтҳо, ки барои ба самар расонидани ойин бо девону девпарастон ба пайкор бархостаанд.

### *ЯСНО. ҲОЙИ 49*

Инак, дер замонест, ин Биндва, ин диномӯзи дурӯғзан ба ман душмани меварзад, ӯ аз густариши ойини рости чилав мегирад ва ҳеч гоҳ ин андеша дар ӯ роҳ надорад, ки ба парҳезгори ва некманиши бигравад. ӯ сарсахтона аз рости рӯйгардон аст. Инак, эй Маздо, аз ту хоҳонам, то рости пирӯз шавад, эй Маздо, бар асари рости ва ростманиши, ки роҳи баргузидаи ман аст, пирӯзу комёбам соз, эй Маздо, он душмани ростиро хор дор, эй Баҳман, ӯро бо нобуди қарин соз.

Эй Маздо, он роҳе, ки аз сӯйи ту оварандаи онам, роҳи рости аст, роҳест, ки суди одами дар он аст, - аммо он роҳи дигар, роҳи дурӯғ аст, роҳе, ки чуз зиёну табоҳи баҳрае намедиҳад. Ин сон аст, ки орзумандам то мардумон ба роҳи рости бигираванд ва бо ҳамаи неру аз он роҳи дурӯғ бипарҳезанд, аз он роҳе, ки мардумонро ба хашму бедод бармеангезад, роҳе, ки одамиро бар зидди чорпоён бармеангезад ва аз кишту варз боз медорад ва яксар гуфтору кирдорашонро табоҳ месозад ва хонаву зиндагиашонро бо ноамни қарин карда ва вичдон (даино)-шон ошуфташон хоҳад кард. Аммо ононе, ки ба якманиши

(Баҳман) биграванд ва рости пеша созанд ва порсоиро бигзинанд, инчунин касон дар беҳтарин сарзаминҳо чойгоҳ ёбанд.

Эй Маздо, бо ангезаи он беҳтарин ростиву поки он чиро, ки бойисти ва бойиста аст ба ман биёмӯз, то ба дурусти онҳоро дарёбам, то ба неки мардумонро бадонҳо биёмӯзонам, эй Аҳуро.

Эй ҳамаи некиҳо, эй рости, ёрим диҳед, то коҳинон (коҳин-пешвои дин-Аиряман) ва размоварон (силоҳи-хваиту) ойин пазиранд, то чунон шавад, ки киштварзону (пешавар-верезена) низ ба ойин биграванд.

Эй Маздо-Аҳуро, Фрашауштраро дарёб, ӯ марде, ки ойин пазируфт-ӯро бо ростиву порсои барангез. Ва маро, эй Маздо, кишвари хуб бибахшой, ки дар он саломат ва човидонаги бошад, маро, ки барангехтаи туам.

## *ЯСНО.ҲОЙИ 50*

Оё чуз ту кист, ки маро ёвару нигаҳбон аст? Оё чуз ту касе тавонад буд? Умед он аст, ҳамчун ки бар пояи ростипарвари дар ин саро кӯмакам карди, дар он саро низ равонамро қарини комгори гардони…

Инак, бар асари пӯяндагии инчунин роҳе чунон дар некманиши комраво гаштам, ки бо тамоми чон сурудҳойи ситойишро месароям, то дигаронро низ ба ойин бигаравонам, бошад то онон низ чун ман подош баргиранд ва хуширо аз зиндаги дарёбанд. Он чи ки зиндагиро ба комам шод гардонид, он чи ки даричаҳойи лаззатро ба рӯям кушуд, ҳама ва ҳама бар асари пӯйиши он роҳи пурсуди маздойи буд, ки фурӯғи хуршедро ва сапедаи бомдодиро чунон обшоре бар ман фурӯ рехт.

Ва ман ҳамчунин пурчӯштар ситоишгари хоҳам кард, то чойе, ки неру дорам, эй Маздо ва эй Ашо, инак ово дармедиҳам, эй мардумон, бо тамоми чон аз ин беҳтарин роҳи аҳуройи пайрави кунед.

## *ЯСНО.ҲОТИ 53*

Беҳтарин хости ниҳоии ман он аст, ки Маздо-Аҳуро аз партави ростиву беҳи, он шойистатарин чизҳоро, ки зиндагонии хушу човидони аст, ба ман бахшояд ва ононеро низ ки шеваи зишти ва бадманиши пеш гирифтаанд, хоҳонам то аз ин ойини беҳи пайрави кунанд ва öнчунин дар ойини маздойи роҳрави кунанд ва ситойиш ба чо оваранд, öнчунон, ки Кай Виштосп, ки пайрав ва вобастаи Зартушт аст ва Фрашуштра пайрави карданд, аз ин ойин ки роҳи раҳоист аз зиштиву дурӯғ.

Инак, эй ҷавонтарин духтари Зартушт ин аст шавҳари порсову корозмуда, ки аз рӯйи некманиши баройи ту бигзидаам, öнчунон хоҳонам, ки бо андешае жарф ва аз рӯйи хирад худ иродаатро бозгӯйи.

Ва ба рости чи нек аст ин ойини маздойи ва ин дини беҳи, ки шуморо назди ҳамагон баробару гироми месозад, аз Маздо-Аҳуро хоҳонам, ки шодМонӣ ва беҳзистиро ҳамроҳатон созад.

Инак, эй духтарони шӯйкунанда ва эй ҷавононе, ки пайванди заношӯйи мебандед, суханони маро хуб ба ёд биспоред. Бо омӯзаҳои дин роҳи некманиширо бигзинед. Аз рӯйи меҳру фарзонаги ҳар як аз шумо боисти бар он бошад то дар меҳрварзи ва дӯстиву поки ва порсои бар он дигаре пеши чӯяд, чи он беҳтарин шеваи комёри дар зиндаги хоҳад буд.

Эй мардум, ҳар ойина менигаред, ки пайравони дурӯғ аз кому ромише бархурдоранд, бидонед, ки зиштиву бадии кирдорашон ин ромишу хуширо аз онон дур хоҳад кард ва саранчом чи бисёр афсӯс хоҳанд бурд, мабод, ки шумо низ бад-онон бигравед, чун инчунин аст, ки зиндагитон табоҳ хоҳад шуд.

Аммо то он даме, ки бо поймардиву кӯшиш дар шумораи анчуманиён бошед ва ойин нигаҳ доред, комёби ҳамроҳатон хоҳад буд, то он вопасин, ки шодмона нигарони он дурӯғзанон бошед, ки бо ранчу шиканч афсӯс баранд.

Инон, ки бо бадиву зишти хӯ кардаанд ва ростигароёнро ба ранч андар андохтаанд, хости некон он аст, ки миёнашон шаҳриёре неруманд барангехта шавад, то зиштиву ошуфтагиро маҳору банд карда ва оромишу сафоро ҳама чо густурда кунад ва дурӯғзанонро ба кайфар[7] расонад, ончунон кайфаре, ки дар пасин низ баҳраашон хоҳад шуд, чун дурӯғзанро чуз ин подоше нест…

1. жарф – чукур, амиқ, бепоён.
2. куниш – амал, кирдор, рафтор.
3. маниш – табиат, хӯ, сиришт.
4. нижода – асилзода, начиб, хушнажод.
5. тардид – дудилаги, шакку шубҳа.
6. тимор - ғамхори, парастори, нигоҳубин.
7. кайфар - чазо, подош.

## *Дарахти ассури*

Достони «Дарахти ассури» як достони ангуштшумори манзуми адабиёти тоисломии форс-тоҷик буда, муаллифаш маълум нест. Вай ба забони паҳлавӣи ашкони дар Хуросон ба вуҷуд омада, баъдтар дар давраи сосониён ба паҳлавӣи сосонӣ таҳрир ёфтааст. Матни он, ба истиснои чанде сатру калима алҳол мавҷуд мебошад. Ҳамаи тарҷумаҳои асар насри буда, танҳо дар солҳои охир бо саъю кӯшиши Абӯсаид асар аз матни паҳлавӣ ба тариқи шеъри ба тоҷики баргардонида шуда ва бо номи «Дарахти осуриг» дар газетаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ба табъ расидааст. Онро бо андаке ихтисор ба эътиборатон пешкаш месозем.

## *БА НОМИ ЯЗДОН*

Растаст дарахте, ҳон
Сар то сари Сурастон[1]
Хушк аст бунаш як сар
Аммо сару шохаш тар.
Баргаш наю бар ангур
Монад ба назар андар.
Аз баҳри ҳама мардум,
Ширин биёрад бар.

Ман тахтаи киштиам,
Шаҳтир манам бар он.
Чоруб кунанд аз ман,
Бар рӯфтани хонумон.
Чаввоз[3] кунандам, то
Кӯбанд биринчу чав.
Дам низ, ки афрӯзад
Бар воситааш олав.

Бо Буз ба набард омад
Он нахли барозанда,
«Бартар зи туам,-гуфто
Аз ҳар ҷиҳат арзанда.
Як нахл ба Ҳунирас[2]
Бо ман набувад ҳамто!
Чун нав бирасад борам
Худ шоҳ хӯрад онро.
Шаҳ гашта ба тобистон
Дар сояи ман пинҳон.
Ман шираи деҳқонон,
Шаҳду асали родон.
Сандуқчаам созанд,
Аз хотири дорудон.
Бас шаҳр ҳамегардад
Бар дасти пизишкон[4] он.
Ман лонаи мурғонам
Хушсояи раҳпӯён...»
Чун нахли зи Сурастон
Дурри суханашро суфт.
Бардошта сарро Буз,
Ин гуна ҷавобаш гуфт:
   «Худ ҳарфу набардат чист?!
Пархоши ту бемаънист,
Кас кардаи ман донад,
Бас беҳудаат хонад.
Эй девқади пуррев!
Мӯҳот чу геси дев
Дар аввали кори Ҷам
Дар он гаҳи фархунда
Ман мӯзаи деҳқонҳо,
Кафшам ба бараҳнапо.
Бофанд расан аз ман,
То пои туро банданд.
Мех аз тани ман созанд
То каллаат «афрозанд»
Ҳезум бикунандам боз
То ки бипазандат соз.
Бар ҳавм[6] диҳам нирӯ
Ҳарчанд, ки пурзӯр ӯ.
Ҳам бар тани Гушурон
К-ӯяст маро яздон.
Чун хӯрҷинам карданд.
Ҳамсанги варо кас дид?
Созанд камар аз ман,
Чинанд ба марворид,
Мӯза бишавад чармам
Хушсохт ба озодон.
Бар шоҳу саворонаш,
Ман бонуи ангуштон,
Ки дасткашам созанд,
Он гоҳ камон бозанд.
Дар чойгаҳи машкам
Гар об бияндозанд.
Дар дашту биёбонҳо,
Дар рӯзу шаби гармо,
Он об бимонад сард,
Ҳам дур зи регу гард.
Аз баҳри дили меҳмон
Созанд зи чармам хон

Девони табоҳомол
Буданд ба кас банда.
Аз хушктанат ҳамвор
Карданд чу чӯби дор,
Заргун сарат, эй нодон,
Мондаст аз он даврон.
Сабр аз маниши бадхоҳ
Хуб аст, кунад доно.
То чанд шикебои.
Лекин зи ту, эй коно?!
Посух бидиҳам, бошад
Беҳудаву нанговар
Бар мардуми покиза
Афсона шавам яксар.
Беҳурмату беақли,
Беном яке нахли.
Чун бор биёварди,
Бар кас бикуни афшон.
Тухмат бидиҳад барбод
Он сон ки зи нарговон.
Модарбахато ҳасти,
Ин аст гумонам, ҳон!
Эй деви дароз аз ман,
Омӯз сухан гуфтан.
Додору[5] бузургиаш,
Афрӯхтани Ҳурмузд:
Дини нави Маздоро,
Омӯхтани Ҳурмузд:
Чуз ман ки тавонад гуфт,
Бар дурри ситоиш суфт,
Ҳам суфра биёроянд.
То сур бипероянд.
Машкежа[8] зи ман карда
Оранд бари шоҳон.
Ороста мӯю риш
Соҳибдеҳу соҳибхон,
Доранд канори хеш
Бо иззу чалолу шон.
Нома[9] бикунанд аз ман
Тӯмор зи баддевон.
Аз ман вараҷи дафтар[10]
Аз ман вараҷи паймон.
Зеҳ низ зи ман созанд,
Бананд камон бо он.
Чулварқ[11] зи ман бофанд,
Бофанд базами[12] каш[13]
Бад дӯш ҳамегиранд,
Озоду бузургонаш
То ки ин бидорад зин
Тасма бикунанд аз ман
Гар пилсавор оянд
Худ Рустаму Руинтан...
Сангафкану сангандоз
Аз чарми ман ояд соз.
Созанди зи ман анбон,
Бидҳанд ба бозаргон,
Ки равғани гуногун,
Ҳам қаля[14], паниро нон.
Бас чомаи шоҳона,
Пӯшок ба бонувон-

Азбас ба парастишгоҳ
Ширам бикунанд эҳдо.
Аз пашми сапеди ман,
Зуннор шавад тайёр.
Аз баҳри бузургон низ
Таҳпираҳани шаҳвор.
Зебанда канизонро
Ороми дилу чонро,
Шолест зи пашми ман,
Бар дӯшу бару гардан…
Ҳам шохи баландам ҳаст,
Бар пушт расад даҳ даст
Аз кӯҳ ба кӯҳ оям,
Аз шаҳр ба шаҳристон...
Пас беҳ зи туам чандон
Эй нахли зи Сурастон!
Ҳам мосту ҳам фалла,
Хушмазза панир аз мост.
Аз дӯғи ман ояд кашк[15],
Бар кох барандаш рост.
Худ чангу вану[16] каннор[17],
Ҳам барбату ҳам танбӯр
Бо ёрии ман гардад,
Оҳангу садошон чӯр.
Боз аз ту беҳам чандон
Эй нахли зи Сурастон!
Аз баҳри баҳо Бузро
Доранд чу дар бозор.
Даҳ дирҳами кас гар нест
Н-ояд тарафи буздор.

Чинанд даруни он.
Оранд ба Ориён.
Хурмо ба пашизе ду
Оранд ба каф тифлон.
Сутхони туву донад
Бо хок шавад яксон.
Ин гуна накӯкори
Ин гуна дуруду зеҳ
Аз ман ки Бузам, бошад
Дар кишвару шаҳру деҳ.
Гарчи сухани заррин
Дар гӯши ту мехонам.
Он аст, ки марворид
Бар хук бияфшонам.
Он кас, ки ниҳодаш бад
Бар асли худаш гардад,
Дар кӯҳ чарогоҳ рам,
К-аз бӯи хушаш шодам.
Лаб тар кунам аз чашма,
В-аз сабзаи тар зодам...[18]»
Пирӯз баромад Буз
Бечора бишуд Хурмо.
Ҳар кас ки сурудам хонд,
Бинвишту ба ёдаш монд,
То ҳаст чаҳон obод,
Номаш наравад аз ёд!
Душман-ш сарафканда,
Озода ниҳодаш бод.
Пиндори беҳинаш бод,
Гуфтори беҳинаш бод.

1. Сурастон: Осур – сарзамини Ироқ, ки пойтахташ Тайсафун будааст.
2. Ҳунирас – номи яке аз ҳафт кишвари Эрон.
3. Чаввоз – чувоз.
4. Пизишк – табиб.
5. Додор – парвардигор, худо, эзид.
6. Ҳавм – гиёҳи муқаддаси мадҳушкунандае дар Эронӣ қадим
7. Гушурон, гушуран – эзиди чаҳорпоён.
8. Машкежа – пешбанд.
9. Нома – китоб.
10. Дафтар – мачмӯаи қонунҳо.
11. Чулварқ, Чулварақ, Чулбарқ – китфпӯшаки мӯйинадор, қолинчаро низ гӯянд.
12. Базами – номи матоъ.
13. Каш – қашанг, зебо,хушрӯ.
14. Қаля – гӯшт, қима.
15. Кашк – чаккаи хушк, қурут.
16. Ван, вин – уди ҳинди.
17. Каннор – олате аз асбобҳои қадимаи мусиқи.
18. Зод – тӯша, ғизо.

### ***Андарзи Хусрави Қубодон***

«Андарзи Хусрави Кавотон» - пандномаи адабиёти қадима буда, ба забони паҳлавӣ таълиф шудааст. Таълифаш ба шоҳи сосонӣ Хусрави Анӯшервон (531-579) нисбат дода мешавад. Панду насиҳатҳои китоб аз забони ӯ баён ёфтаанд. Асар сюжети ягона надорад. Матолиби он асосан дар шакли афоризмҳо ва

пандҳои кӯтоҳу рехта баён шудаанд. Бисёр масъалаҳои ахлоқу одобро дар бар мегирад. Аксари он аз қабили неки ба мардумону мубориза бо ноодамон то имрӯз аҳамияти худро аз даст надодаанд. Андарз ба форсии имрӯза тарҷума ва нашр шудааст.

***Намунаҳо:***

Аз омӯхтани илму адаб нанг мадоред.

*   *   *

Ҳеч молро бузургтар аз илм мадоред.

*   *   *

Он чи нагуфтани буд, магӯед ва он чи на чустани буд, мачӯед.

*   *   *

Панди ҳакимонро хор мадоред.

*   *   *

Дар корҳо шитоб макунед.

*   *   *

Корро ба кордон фармоед.

*   *   *

Бо хирадмандон машварат кунед.

*   *   *

Озмударо маёзмоед.

*   *   *

Сухани пиронро бузург доред.

*   *   *

Беозориро пешаи худ бисозед.

*   *   *

Хурсандиро тавонгари донед.

*   *   *

Қадри офият бишносед.

*   *   *

Хештанро некном гардонед.

*   *   *

Бо дӯсту душман ошти кунед.

*   *   *

Эҳсонро аз касон дареғ мадоред.

*   *   *

Аз ҳамсояи бад парҳез кунед.

*   *   *

Андар шӯристон тухм макоред.

*   *   *

Аз навкиса вом макунед.

*   *   *

Молро фидои худ кунед.

*   *   *

Ба зердастони худ раҳм кунед.

*   *   *

Ба давлати дунё кибр макунед.

*   *   *

Аз макри занон эмин мабошед.

*   *   *

Дар хонаи касон кадхудои макунед.

*   *   *

Аз мардуми мутакаббир тарсон бошед.

*   *   *

Вафову аҳд ба чой оваред.

*   *   *

Нохонда ба меҳМонӣи касе наравед.

*   *   *

Сухани написанд магӯед.

*   *   *

Растагори дар рости донед.

*   *   *

Ба зиёрати некон рағбат намоед.

*   *   *

Ҳеч сухан бе илм магӯед.

*   *   *

Ба росту дурӯғ савганд махӯред.

*   *   *

Дар ҷавони аз пири биандешед.

*   *   *

Ҷавонмарди пеша кунед.

*   *   *

Аз бахил дур бошед.

*   *   *

Фарзанди худро ҳунар ва санъат биомӯзед.

*   *   *

Хештанро бишносед.

*   *   *

Душманро бузург бидонед.

*   *   *

Умедворонро ноумед накунед.

*   *   *

Сухани ҳақро бузургтар аз осмону замин бидоред.

## *Корномаи Ардашери Бобокон*

«Корномаи Ардашери Бобакон» асари адабиёти қадими форсу тоҷик буда, тақрибан дар асри У1 ба забони паҳлавӣ таълиф шудааст. Муаллифаш маълум нест. Асар хусусияти дуняви дошта, вай баёни фаъолияти асосгузори сулолаи

Сосониён- Ардашери Бобакон ва ворисони ӯ Шопури 1 ва Ҳурмузи 1-ро фаро мегирад. Мақсади ғоявии асар устувор гардонидани ҳокимияти Сосониён аст. Дар асар аёми ҷавони, саргузашти Ардашер бо канизак ва мочарои ӯ бо Ардавон муфассал ва бо обу ранги бадеи тасвир ёфтааст. Ардашер шучоу далер, худшиносу худбовар, босуботу матин, размовар ва нисбат ба душманонаш оштинопазир баён ёфтааст.

«Корномаи Ардашери Бобакон» яке аз аввалин кӯшишҳои инъикоси бадеии воқеияти таърихи буда, муҳимтарин унсурҳои адабиёти бадеиро аз қабили сюжети муайян, амалиёт, оҳангҳои тахайюли, бофтаи бадеи, характеристикаи қаҳрамонон, нутқи иштироккунандагони асарро дар бар мегирад.

Ин асар бо услуби нигориши худ давраи саршавии эҷоди асарҳои таърихии бадеиро таҷассум карда, дар ривочи минбаъдаи он таъсири калоне расонидааст. «Корномаи Ардашери Бобакон» ба якчанд забонҳои чаҳон, аз ҷумла англиси ва гучароти тарҷума ва нашр шудааст. Тарҷумаи форсии асарро дар соли 1934 Содиқ Ҳидоят ба сомон расонидааст.

### ***Бундаҳиш***

«Бундаҳиш» (ба паҳлавӣ маънии офариниш дорад) – яке аз асарҳои муҳимтарини осори динии зардуштӣя буда, дар асри 1Х ба забони паҳлавӣ таълиф шудааст.

Мундаричаи «Бундаҳиш» аз ҳикоёту ривоёти дини, достонҳои асотирию қаҳрамони иборат аст, ки қисман дар «Авасто» мавҷуданд. Дар он оиди кишварҳои Эрон, кӯҳу дарёҳо, шоҳону қаҳрамонони он ва анъанаи солшумори низ баҳс меравад.

«Бундаҳиш» дар якчанд нусхаҳо то замони мо расидааст.

### ***Динкард***

«Динкард» (дар паҳлавӣ – кори дин), асари энсиклопедии адабиёти форсу тоҷик буда, ба забони паҳлавӣ навишта шудааст. Дар он тамоми афкори динию мазҳаби, донишҳои илми, таърихи, адаби, инчунин, ривоятҳои асотири Эрон ва қисман чаҳон аз давраҳои қадим то асри 1Х гирд оварда шудааст.

Дар «Динкард» қариб тамоми асарҳои динии ба забони паҳлавӣ навишта шуда дарч ёфтаанд ё мазмуни мухтасари онҳо оварда шудаанд. Аз ҷумла дар он тамоми 21 наски «Авасто» дарч шудааст. «Динкард» аз 9 китоб иборат буда, то замони мо 7 тои он расидааст.

### *Минуи хирад*

«Минуи хирад» (асли паҳлавӣаш «Менок-и хирад») яке аз ёдгориҳои адабиёти паҳлавӣ буда, соли таълиф ва номи муаллифаш маълум нест. Мусанниф худро ҳамчун «доно»-е шиносонда, аз инқирози дини зардуштӣ, рӯй овардани мардум ба динҳои дигар сухан меронад. Ӯ барои дур кардани гумону шубҳа аз дили мардум бисёр мекӯшад, аз донотарин мӯбадон маслиҳатҳо мепурсад. Дар охир ба хирад матлаби худро баён мекунад. Хирад ба саволҳои ӯ чавоб мегӯяд. Дар асар суханҳои андарзию панду ахлоқи хеле бисёранд. Инчунин дар он қиссаву ривоятҳо, воқеаҳои таърихи, асотири мардуми эронинажод, номи паҳлавонону шоҳони қадимии Эрон, воқеоти замони Сосониён ва ғайра оварда шудаанд. Дар асар ғояи подшоҳи одил, ҳукмронии одилона талқин мешавад.

Қисмати андарзи ва панду ахлоқии «Минӯи хирад» барои таълиму тарбияи ҷавонон хеле мувофиқ ва аҳамиятнок мебошад. Он ситоиши хирад ва ақлу дониш, ки дар адабиёти форсу тоҷик дар давраҳои нав мушоҳида мешавад ва мисоли барчастаи он «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст, бешубҳа идомаи анъанаҳои адабиёти пешазисломии халқҳои эронинажод мебошад.

«Минӯи хирад» ба забонҳои гуногун тарҷума ва нашр шудааст. Аз ҷумла, вай ду тарҷимаи манзум ва як тарҷимаи насрии форси дорад. Нусхаҳои манзуми форси дар китобхонаи миллии Париж маҳфузанд.

## *Адабиётҳо:*

1.Андреев М.С. Маълумоте чанд андар шинохти тоҷикон «Авранг», 2001, шумораи 1.

2.Бертаельс Е.Э. История персидско-таджикской литературӯ. ИВЛ. Москва, 1960.

3.Брагинский И.С. Из истории таджиской народной поэзии. Москва, 1956.

4.Брагинский И.С. 12 миниатюр. Москва, 1966.

5.Брагинский И.С. Из истории таджикской и персидской литератур. Москва, 1972.

6.Брагинский И.С. От Авестӯ до Айни. Душанбе, 1989.

7.Брагинский И.С. Иранское литературное наследие. Москва, 1984.

8.Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 1, Душанбе, 1983.

9.Дьяконов М. Маданияти қадими тоҷикон. Душанбе, 1959.

10.Луконин В.Г. Культура сасанидского Ирана. Москва, ГВЛ, 1969.

11.Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1(1), Душанбе, 1987.

12.Маҳмудов Т. Авесто ҳақида. Тошкент, 2000.

13.Маҳдиев С. Назаре ба адабиёти паҳлавӣ. Садои Шарқ, 1985, №6.

14.Никитина В.Б, Паевская Е.А. Литература древнего Востока. Изд. МГУ, Москва, 1962.

15.Ориёнур А. Рӯзгори Борбади ромишгар. Душанбе, 1989.

16. Ҳалимов С. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Самарқанд, 1986.

17. Ҳалимов С. Раҳнамои адабиёти тоҷик. Қисми 1. (Аз давраи қадим то асри X1), Самарқанд, 1993.

18. Ҳалимов С. Дастури методи оид ба ичрои назоратҳои раейтинги аз фанни таърихи адабиёти тоҷик. (Давраи қадим), Самарқанд, 1993.

19.Ҳалимов С. Кохи мӯҳташами адаби. («Авасто» ва арзиши адабии он). «Зиёкор», 2001,№10

20. Чалилов А. Дурдонаҳои маданияти қадима. Душанбе, 1973.

*Матнҳо:*

1. Зардуштӣ  Спитамон. Готҳо. Таҳияи Ардамеҳр. Садои Шарқ, 1989, Шумораи 9.
2. Зардушт. Готҳо. Тарҷума ва тафсири Ҳошим Рази. Ж. «Адаб», 1991, шумораи 11,12; 1992, шумораи 1,2.
3. Яшти Меҳр. Порае аз «Авасто». Садои Шарқ, 1985, шумораи 1.
4. «Авасто». Душанбе, - Адиб, 1990.
5. Дарахти асссури. Газетаи «Ҳақиқати ӯзбекистон», 31 майи соли 1991.
6. Дарахти ассури. Дар қисми «Мулҳақот»-и китоби мазкур.

*Мундарича*

Пешгуфтор _______________________________________________
Маданияти қадима _______________________________________
Эътиқотҳои қадима _______________________________________
Эҷодиёти даҳони _________________________________________
Сурудҳо ___________________________________________________
Асотир ____________________________________________________
Асотири Митра ва Анаҳита ________________________________
Асотири Каюмарс ва Ҷамшед _____________________________
Ривоят ва достонҳо _______________________________________
Ривояти Тумариса ________________________________________
Қиссаи Шерак ____________________________________________
Адабиёти хаттӣ ___________________________________________
Ёдгории хаттӣи Бесутун ___________________________________
Ақидаи зардуштӣ ва китоби «Авасто» ____________________

«Авасто» ______________________________________________
Адабиёти паҳлавӣи ашкони ____________________________
Достони «Дарахти ассури» _____________________________
Достони «Ёдгори Зарирон» ___________________________
Адабиёт ва маданияти давраи сосониён ________________
Адабиёти Монӣяви ____________________________________
Маздак ва таълимоти ӯ _________________________________
Осори адабии давраи сосониён _______________________
Хулоса _______________________________________________
Мулҳақот _____________________________________________
Рӯйхати адабиётҳо ____________________________________